ТРАМП БОЗ ДАР ТАЛОШИ ҚУДРАТ с. 4

ИФТИТОҲИ 4 ИНШООТИ НАВ ДАР ПОЙТАХТ с. 7

ТАҒЙИРОТ ДАР ҲИЗБҲОИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОН с. 3



# ТОҶИКИСТОН

№29 (1592), 17.07.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992






# «АКА» НАГӮ!

## МАҲДУДИЯТИ НАВ БАРОИ МУҲОҶИРОН ДАР РУСИЯ


МАҶМААИ НАВИ ИСТИҚОМАТИИ ПӮЛОДӢ

АЗ АРЗИШИ УМУМӢ 30% ПЕШПАРДОХТ,

ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА АЗ 3 ТО 5 СОЛ БЕ ФОИЗ

СЕБИСТОН-2018 — ширкати сохтмонӣ —



- Хонаҳо аз 56,10м2 то 138,90м
- Баландии шифти квартираҳо 3м 15 см
- Тирезаҳои алюминий
- Лифтҳои бренди ҷаҳонӣ
- 24/7 амният ва назорати видео
- Таваққуфгоҳи зеризаминӣ
- Дар наздики гипермаркети
- Auchan, мағозаи JYSK

Бинои истиқоматии баландошёна, бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаи аввал ва таваққуфгоҳи нақлиёти автомобилӣ дар таххонаи он, воқеъ дар кӯчаи Пӯлодӣ № 33, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ:
+992 200-00-00-00 | +992 00-277-44-33


## ДАР ИН ШУМОРА:


**ТЕМУР РАҲИМОВ**
-Парчамбардори Тоҷикистон дар Париж-2024 с.2

**55 СОЛИ ФАРОМӮШӢ**
Чаро сохтмони нақб идома наёфт? с.5

**ПЕШНИҲОД**
Ҳукми қатл ҷорӣ карда шавад! с.4

**“ШАҲРИ БЕХАТАР”**
Бохтарро низ зери назорат мегирад с.3

**МУАЛЛИМ ШАКУРӢ**
Пешгоми худшиносии миллӣ ва маорифпарварӣ с.6

**22 СОЛ ҲАБС**
Барои сӯйиқасд ба ҷони ҳамсоя с.11

**КАНЗИ ШИФО**
Манфиати хоб ба кори дил с.12

**ВАРЗИШ**
Алишер чаро аз “Динамо” ба “Вахш” гузашт? с.10

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА, муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР, муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ, раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ, академик

Шералӣ КАБИР, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ, раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ, сиёсатмадор

Адаш ИСТАД, нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН, адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос

Умед СУЛТОНОВ, саҳифабанд



МУАССИС: Ҳайати кормандони ҳафтанома

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА: 221-00-84, 227-19-95 tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16 238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61 ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО 918-66-82-64, 221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР: 33 000 нусха.


## ЧИН ДАР СУҒД НЕРУГОҲИ ОФТОБӢ МЕСОЗАД

**Ширкати чинии "China Datang" сохтмони неругоҳи офтобиро дар вилояти Суғди Тоҷикистон бо иқтидори 500 мегаватт ба нақша гирифтааст. Дар ин бора ҳадамоти матбуоти раиси вилояти Суғд хабар медиҳад.**

Масъалаи мазкур дар вохӯрии Раҷаббой Аҳмадзода бо директори генералии корпоратсияи "China Datang"-и Чин дар Осиёи Марказӣ Ван Хао мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Ба иттилои манбаъ, корпоратсияи "China Datang" соли 2002 таъсис ёфта, яке аз бузургтарин таъминкунандагони неруи барқ дар Чин аст. Ширкат ҳамчунин ба истехсоли батареяҳои офтобӣ машғул аст. Арзиши лоиҳаи мазкур 400 млн доллар гуфта мешавад.

## МУБОРИЗАИ МУШТАРАК БО ҶИНОЯТКОРӢ

**Душанбе рӯзҳои 10-12-уми июл меҳмони роҳбарони мақомоти корҳои дохилии пойтахтҳои давлатҳои аъзои ИДМ буд.**

Дар ин ҷаласа масоили муқовимат ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ, терроризму экстремизм, хариду фурӯши силоҳ, вазъияти мубориза бо маводи нашъаовар ва пешгирӣ аз ин ҷиноятҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Сардори Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе Шоҳрух Саидзода гуфт, ки "таҷрибаи баргузории чунин чорабиниҳо далели равшани он аст, ки моро дарки зарурати ба роҳ мондани муносибатҳои эътимоднок дар истифодаи самараноки захираҳо ва мубориза бо ҷиноятҳорӣ дар ҳама шаклҳои он муттаҳид мекунад". Дар ин ҷаласа вазири корҳои дохилии Тоҷикистон Рамазон Раҳимзода низ иштироку суханронӣ кард.

Дар ин чорабинӣ ҳайатҳои ВКД Озарбойҷон, Арманистон, Беларус, Қирғизистон, Русия, Туркманистон, Ӯзбекистон, инчунин Бюрои ҳамоҳангсозии мубориза бо ҷиноятҳории муташаккилона ҳузур доштанд.

## ТОҶИКИСТОН ЗЕҲНИ МАСНӮӢ СОДИР МЕКУНАД

**Мақомоти Тоҷикистон ният дорад ба Аморати Рас-ал-Хаймаи давлати АМА нармафзори тоҷикӣ дар асоси хуши маснӯӣ содирот намояд. Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон бо Аморати Рас-ал-Хайма дар ин бора ёддошти тафоҳум ба имзо расонид.**

Дар доираи санад дар Тоҷикистон раванди таҳияи барномаҳои хуши маснӯии Аморати Рас-ал-Хайма дар асоси Стратегияи миллии рушди хуши маснӯӣ то соли 2040-и оғоз гардид. Қарор аст содироти нармафзори бар асоси хуши маснӯӣ ба аморати Рас-ал-Хайма афзоиш дода мешавад.

Ҳамчунин мутахассисони тоҷик ҳамтоёни худ аз ин Аморатро дар соҳаи хуши маснӯӣ омӯзиш хоханд дод.

Тоҷикистон аввалин кишвар дар Осиёи Марказист, ки бо ташаббуси Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон стратегияи миллии хуши маснӯӣ қабул намуд.

Рас ал-Хайма яке аз ҳафт аморати Аморати Муттаҳидаи Араб (АМА) мебошад.



## ТЕМУР РАҲИМОВ - ПАРЧАМБАРДОРИ ТОҶИКИСТОН

**Темур Раҳимов парчамбардори ҳайати варзишии Тоҷикистон дар Бозиҳои тобистонаи олимпӣ интихоб гардид, ки аз 26-уми июл то 11-уми август дар шаҳри Париж (Порис)-и Фаронса баргузор мешавад.**

Ба ин варзишгари машҳури тоҷик дар риштаи ҷудо сангинтарин парчами давлатиро раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ дар мулоқот бо аъзои дастаи мунтахаби кишвар супурд.

**(Давомаш дар саҳ.10)**

## САРИ САБЗ



**Ҷамолиддин ХОМӮШӢ, узви Шӯрои уламо**

**- ... Зану шавҳар низ камбудиҳои якдигарро дар зиндагӣ бояд пӯшонанд... Дар урфияти мардуми мо агар ба хонае ворид мешуд, ки он ҷо пухтупаз доранд, ҳатман аз қафояш ғизое мефиристоданд, то дилаш наранҷад. Ба ин чиз махз хушдоман бояд аҳамият диҳад.**

*- Ҳоло давр даври келинҳо, муҳтарам домулло! Ба ин чизҳо бояд келинҳо аҳамият диҳанд. Агар аҳамият надиҳанд ҳам, тавре гуфтед, шавҳарон камбудиҳои онҳоро мепӯшонанд.*



**Зарнигори РУСТАМ, ровии муваффақи радио**

**- Агар аз дастам меомад, ҳамаро ба китобхонӣ ҷалб мекардам, махсусан насли наврасро, то ки сатҳи донистани забони тоҷикиашон беҳтар шавад. Мутаассифона, бархеҳо бо забони модарии худ дуруст суҳбат карда наметавонанд.**

*- Иииии, чаро аз дастатон намеомадааст? Китобхониятонро пайваста таблиғ кунед, аввал кам-кам, баъд бисёр аз насли наврас пайравӣ мекунанд. Масалан, истифода аз "Фейсбук" пулакӣ нест ку!*



**Парвиз НАЗАРОВ, олим, нақшофар ва варзишгар**

**- Кори актёрӣ низ маъқул шуд. То имрӯз дар 35 филми гуногунжанр нақшҳои мухталифро иҷро кардам. Ҳамаи нақшҳо нотакроранд. Ҳоло ҳам нақшҳо пешниҳод мешавад, ки дар фурсати қулай ба онҳо розӣ хоҳам шуд.**

*- Браво! Офарин барои нақшҳои нотакрор! Миёни нақшҳо ягон нақш мувофиқи ихтисосатон, яъне омӯзишу таҳқиқи соҳаи замину хокшиносӣ ҳаст ё не?*

# ТАҒЙИРОТ ДАР ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ

## Ё анҷуманҳои ғайринавбатӣ чӣ паёмад доранд?

**Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон (ҲСТ) хабар медиҳад, ки рӯзи 23 июл анҷумани ғайринавбатӣ баргузор менамояд. Тибқи иттилоъи ба мо расида дар ин анҷуман ҳайати роҳбарии ҳизб иваз хоҳад шуд.**

### Ғаффоров: Синну солам ба ҷое расидааст

Гуфта мешавад, ки дар анҷумани ғайринавбатии ин ҳизб раис бо муовинонаш барканор мешаванд ва номзадҳои нав пешбарӣ хоҳанд шуд.

Абдухалим Ғаффаров зимни суҳбат ба мо гуфт: “Ман дар анҷумани ғайринавбатӣ ширкат меварзам ва боз номзадиамро ба раисии ҲСТ пешниҳод мекунам. Агар аъзо қабул кунанд, ба кор идома медиҳам. Агар шахси арзандаи дигар пайдо шавад, мебинем. Синну соли ман ҳам ба як ҷо расидааст...”.

Аммо Абдухалим Ғаффоров сабаби баргузории анҷумани ғайринавбатӣ ва омили барканоршавии раис ва муовинонашро шарҳ надод.

Ҳамчунин, нагуфт, ки ба курсии раис ва муовинони ҳизб боз киҳо номзад ҳастанд. “Нафарони арзанда пайдо мешудагистанд. Рӯзи анҷуман маълум хоҳад шуд”,- гуфт Абдухалим Ғаффоров.

Абдухалим Ғаффорови 74-сола аз соли 2004 инҷониб раиси ҲСТ аст ва 3 бор - дар солҳои 2006, 2013 ва 2020 номзад ба курсии президенти Тоҷикистон буд. Дар ду давраи ахир ӯ узви Маҷлиси намояндагони Тоҷикистон аст.



### ҲИИТ: Раис иваз намешавад

ҲИИТ низ рӯзи 20-уми июл анҷумани ғайринавбатӣ баргузор мекунад. Тибқи маълумоти расмӣ, масъалаи барканории раис ҳизб дар дастури корӣ нест. Балки дар ин анҷуман фаъолияти як соли охири ҳизб ва нақшаҳоиояндаро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Дар ин бора Даринг Раҳмон Ҷаҳон Афрӯз Қурбонзода, вакили парлумон аз ҳизб хабар медиҳад.

### Сабақи ҲДТ

ҲДТ чанд моҳи охир дар сарҳати расонаҳои Тоҷикистон қарор дорад. Бо баргузории анҷумани ғайринавбатӣ Саидҷаъфар Усмонзодаро барканор ва Шаҳбоз Аброрро ба маснади раисӣ интихоб карданд. Ин тағйирот дар шароите сурат гирифт, ки баъди чанд рӯз раиси собиқи он Усмонзода аз ҷониби Прокуратураи генералии Тоҷикистон “барои бо зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият” боздошт гардид.

### Вазъи куллӣ

Ёдовар мешавем, ки айни ҳол дар Тоҷикистон 7 ҳизби сиёсӣ фаъолият мекунанд, ки аз он 6 ҳизби сиёсӣ дар парлумони кишвар намоянда доранд. Ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон аз ҳоло барои интихоботи парлумонӣ, ки қарор аст соли оянда баргузор шавад, омодагӣ мебинанд. Ҳоло, бо таваҷҷуҳ ба синну соли баланди раисони ҲСТ ва ҲКТ, эҳтимол дорад, ки дар анҷумани ояндаи ҳизбҳо масъалаи ивази онҳо бо шахсиятҳои ҷавонтар матраҳ шавад.

**О. СОҲИБЗОДА**



**Дар шаҳри Бохтар низ дурбинҳои “Шаҳри бехатар” насб мешаванд. Дар ин бора аз вилояти Хатлон хабар доданд.**

Алакай ёддошти ҳамкорӣ оид ба амалӣ намудани лоиҳаи “Шаҳри бехатар” ба маблағи 9-18 миллион доллар байни ҳукумати шаҳри Бохтар ва ширкони рушд бо ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба тасвиб расидааст. Зикр кардан бамаврид аст, ки “Шаҳри бехатар” ҳоло дар шаҳрҳои Душанбе ва Хоруғ фаъолият мекунад.



**Байни ноҳияи Спитамен ва шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Спитамен ва шаҳри Истиқлол роҳи оҳан бунёд мешавад.**

Ин масъала дар мулоқоти раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва гурӯҳи мутахассисони чинӣ бо роҳбарии президенти Институти илмиву муҳандисӣ ва таҳқиқотии шаҳри Пекин Чэн Хэ баррасӣ гардидааст. Гуфта мешавад, ки дарозии умумии роҳи оҳан 171 км хоҳад буд. Аммо дақиқ нест, ки натиҷаи омӯзишу таҳлил барои бунёди роҳи оҳан кай ниҳоӣ ва бунёди он кай оғоз мешавад.



**Тоҷикистон намояндагони кишварҳои узви СММ-ро барои ширкат дар конфронси байналмилалии ҳифзи пиряххо, ки соли 2025 дар Душанбе баргузор мешавад, даъват кард.**

- Ҳоким Холиқзода, муовини аввали сарвазири Тоҷикистон зимни суханронӣ дар ҳамоиши сиёсӣ дар мавриди рушди устувор дар Ню-Йорк изҳор дошт,- хабар дод ТАСС. Вай ёдовар шуд, ки дар соли 2024 алакай дар Душанбе як конфронс дар масъалаҳои об баргузор шуда буд ва натоиҷи он дар чорчӯби ин ҳамоиш дар қароргоҳи СММ муаррифӣ шуд.



**Агентии федералии Русия дар умури миллӣ барои муҳоҷирони корӣ аз Осиёи Марказӣ давраи омӯзишии нави мутобиқшавиро таҳия кардааст. Дар ин бора нашрияи “Коммерсант” хабар медиҳад.**

# «АКА» НАГӮ!

## Маҳдудияти нав ба муҳоҷирони тоҷик

Курси омӯзишӣ маърӯзаи 70-дақиқагӣ мебошад, ки барои шаҳрвандони хориҷӣ дар бораи қонунгузории меҳнат ва муҳоҷирати Русия маълумоти заруриро пешниҳод мекунад.

Курс аз чаҳор қисм иборат аст: “Асосҳои қонунгузории муҳоҷират ва меҳнат”, “Асосҳои рафтори ғайрирасмӣ дар Русия”, “Ҷавобгарӣ барои риоя накардани қонунгузорӣ” ва “Таърихи муносибатҳои Русия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ”.

Дар бахши аввал дар бораи муҳоҷирон дар бораи тартиби вуруд ва будубоши шаҳрвандони хориҷӣ дар Русия, инчунин қоидаҳои гирифтани патент ва бастани шартномаи меҳнатӣ гуфта мешавад. Маърӯзачиён, ба гуфтаи нашрия, ҳамчунин бояд дар бораи имкони дарёфти шаҳрвандии Русия ба таври содда, ки тибқи қарордод дар артиши Русия хидмат кардааст, хабар диҳанд.

Дар бахши “Асосҳои рафтори ғайрирасмӣ” маърӯзачиён аҳамияти донистани забони русиро таъкид намуда, инчунин қайд мекунанд, ки “мурофиатҳои “бародар” ё “хоҳар” барои муошират бо одамоне, ки хешу табори шумо нестанд, мувофиқ нестанд”. Аз хориҷиён даъват карда мешавад, ки дар ҳузури одамони дигар бо забони модарии худ суҳбат накунанд.

Ғайр аз ин, дар маърӯза ёдоварӣ дар бораи он аст, ки Русия давлати дунявӣ аст, ки дар он ҷо расман ошкоро нишон додани муносибат ба ягон дин, аз ҷумла иҷрои расму оинҳои динӣ дар кӯча ва адои намоз дар ҷойҳои ҷамъиятӣ қобили қабул нест. Қобили қабул набудани қурбонии ҳайвонот низ қайд карда мешавад.

Қисми сеюми курс ба мучозот барои нақзи қонунҳои Русия, аз ҷумла қонунҳои муҳоҷират бахшида шудааст. Маърӯзачиён бояд қайд кунанд, ки иштирок кардан ё ёрӣ расонидан дар амалиёти экстремистию террористӣ боиси ҷавобгарӣ мешавад.

Дар қисми чорум, ки ба таърихи муносибатҳои Русия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ бахшида шудааст, қайд мешавад, ки “риштаҳои дӯстӣ” “таърихи чандинасра” доранд ва “маблағҳои калони буҷети СССР ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ имкон дод, ки бомуваффақият инкишоф ёбанд”.

Агентии федералии умури миллӣ (ФАДН) дар моҳи сентябри соли 2023 аз анҷоми таҳияи курси мутобиқшавӣ барои муҳоҷирон дар Русия хабар дода буд. Ҳафтаи гузашта агентӣ хабар дод, ки курс дар вилоятҳои Калининград, Москва, Перм ва Краснодар, инчунин дар Ёкутистон санҷида шудааст.

Барномаи мазкур дар ҳоле амалӣ мешавад, ки Русия давоми чанд моҳи охир фишорро болои муҳоҷирони Осиёи Марказӣ, махсусан тоҷикон зиёд кардааст. Ҳамарӯза даҳҳо муҳоҷири тоҷик бо ҳар баҳона дар Русия боздошт ва аз ин кишвар ихроҷ мешаванд.

**Д. ҚОДИРПУР**



**YEP.UZ. Мақомоти Ӯзбекистон як рӯзноманигори тоҷики ин кишвар Салим Иномзодаи 58-сола, собиқ корманди рӯзномаи “Овози тоҷик”, мутасаддии гурӯҳи фейсбукии “Тоҷикони Ӯзбекистон” -ро 13-уми июл боздошт кардаанд.**

Нисбати ӯ бо гумони “пахн кардани маводе, ки ба амнияти ҷамъиятӣ таҳдид мекунад”, парванда боз шудааст. Дар санади милитсияи ноҳияи Мирзо Улуғбек гуфта мешавад, ки Иномзода моҳи октябри соли 2022 суруди Афзалшоҳ Шодиев - “Самарқанду Бухоро”-ро дар “Фейсбук” паҳн намудааст, ки он “хусусияти динӣ ва ҷудоиандозӣ” (сепаратизм) доштааст. Рӯзноманигорро аз 5 то 8 сол зиндон таҳдид мекунад.



Настоящее время

**Салимҷон Насриддинов, соҳибкори тоҷики сокини Ню-Йорк ва Николай Голтсев, сокини Канада дар суди федералӣ айбнома оид ба расонидани таҷҳизоти электронии таҳримшуда ба Русияро эътироф кардаанд.**

Онҳо молҳои мамнуъшударо ба Русия фурӯхтаанд ва Русия ин таҷҳизотро дар ҷангаш зидди Украина истифода кардааст. Ба навиштаи дафтари матбуоти Вазорати адлияи ИМА, ба Насриддинов ва Голтсев то 20 соли зиндон таҳдид мекунад. Насриддинов дар Амрико байни муҳоҷирони тоҷик ҳамчун соҳибкори муваффақ шинохта буд. Ӯ молики тарабхонае бо номи “Тандурӣ” дар Бруклин будааст.



Meduza

**Хадамоти амнияти федералии Русия (ФСБ) видеои боздошти як ҷавони 18-солаи тоҷикро нишон дод, ки гӯё қасд доштааст дар як калисо амали террористӣ анҷом диҳад.**

Ин ҷавон, ки айни замон шаҳрвандии Русияро доштааст, дар ду зарфи пластикӣ бензин гирифта, гӯё мехостааст калисои Михайло-Архангелскро оташ занад ва роҳиби онро бикушад. Ин ҷавон, ки ФСБ аз боздошташ рӯзи 11-уми июл хабар дод, дар шаҳри Майкоп дастгир шудааст ва ба пайравӣ аз гурӯҳи тундрави "Давлати исломӣ" ва омодагӣ ба анҷоми ҳамлаи террористӣ муттаҳам мешавад.

# ТРАМП БОЗ ДАР ТАЛОШИ ҚУДРАТ

AP

**Президенти собиқи ИМА Доналд Трамп расман ба унвони номзади Ҳизби ҷумҳурихоҳ дар интихоботи президентии Амрико муаррифӣ шуд.**



Анҷумани миллии ҳизби ҷумҳурихоҳон, яке аз ду ҳизби аз ҳама бузурги Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ки дар шаҳри Милуокии аёлати Висконсин доир шуд, рӯзи 15-уми июли соли 2024 расман миллиардери 78-сола Доналд Трампро номзади худ ба президентии ИМА эълон кард. Интихоботи президентии Амрико моҳи ноябри соли 2024 баргузор мешавад.

Трамп алакай исми номзад ба ноибии раисиҷумҳурро эълон кард. Ӯ ҳамчун муовини худ сенатори 39-сола аз аёлати Охайо Ҷеймс Дэвид Вэнсро интихоб кардааст. Ҷолиб он аст, ки соли 2016 Вэнс аз мухолифони сарсахти номзадии ӯ буд ва Трампро ҳатто “Ҳитлери Амрико” ном бурда буд. Аммо баъдан Вэнс ба яке аз тарафдорони Трамп табдил шуд. Вэнс мисли Трамп мухолифи кумаки ҳарбӣ ба Украина ва тарафдори ба ҳалли мушкилоти худаш машғул шудани Амрикост.

Ҳизби демократ, рақиби асосии ҷумҳурихоҳон дар тамоми интихоботҳои Амрико анҷуманашро моҳи август дар Чикаго дар як вазъияти барояш хеле ҳасос доир мекунад. Номзади асосии демократҳо Ҷо Байден солхӯрда буда, моҳи ноябр ба синни 82 мерасад.

Ёдовар мешавем, ки чанд рӯз қабл Доналд Трамп дар ҷараёни гирдиҳамоии интихоботии худ дар аёлати Пенсилвания ҳадафи сӯиқасд қарор гирифт.

Ҳодиса рӯзи 13-уми июл дар шаҳри Батлери аёлати Пенсилвания ҳангоми суханронии Трамп дар маъракаи пешазинтихоботиаш рух дод.

Бюрои федералии таҳқиқотии ИМА (ФБР) рӯзи 14-уми июл хабар дод, ки дар сӯиқасд ба ҷони Трамп Томас Мэтю Крукс, ҷавони 20-сола даст доштааст.

Ин ҷавон аз 130 метр дур аз боми як иншоот ба маҳали суханронии президенти собиқ тақрибан 8 тир ба тарафи Трамп холӣ кард. Дар ин ҳамла гӯши Доналд Трамп захмӣ шуд.

Дар ин ҳодиса ду нафар, аз ҷумла ҷавони ҳамлагар кушта ва ду нафари дигар захмӣ шудаанд. Ҷавони ҳамлагарро кормандони пулис дар ҷойи ҳодиса паррондаанд.

WALL STREET JOURNAL

*Илон Маск барои дастгирии маъракаи интихоботии Доналд Трамп моҳе 45 миллион доллар ҷудо мекунад. Дар ин бора нашрияи Wall Street Journal навиштааст, аммо мушаххас накардааст, ки миллиардер кай ва дар куҷо ин нуктаро баён доштааст.*

# ПЕШНИҲОДИ ҲУКМИ ҚАТЛ

Фергана. Информационное агентство

**Муовини раиси палатаи қонунгузори парлумони Ӯзбекистон ва раиси Ҳизби эҳёи миллӣ Алишер Қодиров гуфтааст, ки ҳукми қатл дар кишвараш бояд дубора ҷорӣ карда шавад.**



Ба гуфтаи Қодиров, шахсе, ки ба ваҳшигарӣ даст мезанад, набояд зинда бимонад. "Вақте бо пули андози мо ҷиноятокореро, ки ба ҳайвон табдил ёфтааст, нигаҳдорӣ ва сиҳатияшро ҳифз мекунанд, ғайримантиқӣ аст. Ҷомеаро бояд аз ин гуна афрод пок кард",- изҳор доштааст ӯ.

Ин пешниҳод дар пасманзари хабарҳо дар бораи он ки як сокини Тошканд писари 3-солаи ҳамзисти худро ба қатл расонидааст, садо медиҳад.

Расонаҳои маҳаллии Ӯзбекистон хабар доданд, ки як марди 31-сола аз шаҳри Тошканд писари 3-солаи ҳамзисташро бо 12 зарби корд ба қатл расонидааст. Кӯдак дар роҳ ба бемористон ҷон додааст. Бино ба хабарҳо, ҳам мард ва ҳам модари кӯдак муътод ба маводи мухаддир будаанд.

Прокуратураи генералии Ӯзбекистон хабар додааст, ки дар робита ба ин ҳодиса парвандаи ҷиноӣ боз ва гумонбар ба ҳабс гирифта шудааст.

# НАТО ОРЗУИ УКРАИНАРО АМАЛӢ КАРД

Deutsche Welle



**Раҳбарони кишварҳои узви паймони НАТО аз интиқоли нахустин ҳавопаймоҳои ҷангии F-16 ба Украина хабар доданд. Ин ҳавопаймоҳои ҷангии сохти Амрико аз Дания ва Ҳолланд ба Украина мунтақил шудаанд.**

Энтони Блинкен, вазири корҳои хориҷии Амрико дар ҳошияи ин нишаст гуфт: "Ҳамин ҳоло, ки ман ва шумо суҳбат мекунем, интиқоли ин ҳавопаймоҳои ҷангии F-16 дар ҳоли анҷом шудан аст. Ин ҳавопаймоҳои ҷангӣ аз Дания ва Ҳолланд мунтақил мешаванд ва дар тобистони имсол дар осмони Украина парвоз хоҳанд кард, то боварӣ ҳосил шавад, ки Украина метавонад аз худаш дар баробари таҷовузи Русия дифоъ кунад".

Яке аз орзуҳои Украина ба даст овардани ҳавопаймоҳои ҷангии F-16 буд ва ҳоло ба назар мерасад, ки Киев ба ин орзуи худ расидааст.

Украина аз чанд сол ба ин тараф дар талоши пайвастан ба НАТО мебошад, аммо то кунун муваффақ ба ин кор нашудааст.

# БОЗДОШТИ СЕ МУҲОҶИР БО ҶУРМИ ТАҶОВУЗ

РИА НОВОСТИ

**Суди Маскав се муҳоҷири ӯзбекро то 6-уми сентябри имсол ба ҳабс гирифт. Онҳо ба таҷовузи як корманди телевизони “МатчТВ” гумонбар ҳастанд.**



Абдурашидов, Ортиқбоев ва Ҷуракулов ба таҷовуз ба номус, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шудааст, муттаҳам шудаанд.

Гуфта мешавад, ки се муҳоҷири ӯзбек шаби 6-уми июл дар ҳолати мастӣ ба духтари ношиносе ҳамла кардаанд. Баъдан, ба гуфтаи мақомоти тафтишотии Русия, ду муҳоҷир духтарро таҷовуз карда, сеюмӣ бошад, гирду атрофро мушоҳида мекард ва бо ин роҳ бехатарии шариконашро таъмин менамуд. Онҳо ба зудӣ дастгир шуданд.

Мақомоти Русия гуфтанд, ки яке аз гумонбарон талош кард ба кишвараш фирор кунад ва ӯро дар роҳ ба фурудгоҳ дастгир карданд. Кумитаи тафтишот мегӯяд, ки ҳарсе муҳоҷир дар ҳудуди Русия ғайриқонунӣ мезистанд ва бо ин иттиҳом низ нисбаташон айб эълон шудааст.

# 55 СОЛИ ФАРОМӮШӢ

## Чаро сохтмони нақби Гумсу идома наёфт

**Моҳи октябри соли 1969 бо кӯшишу талошҳои роҳбарияти вақти Ҳукумати Тоҷикистон барои сохтмони иншооти стратегӣ ва нақбҳои ирригатсионӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби марказ - давлати Иттиҳоди Шӯравӣ (СССР) якбора се лоиҳаи асосӣ пешниҳод гардид.**




Якум, бунёди нақби 14-километраи ирригатсионии Данғара барои обёрии 100 ҳазор гектар замин, дуюм, бунёди шаҳраки Себистон барои истиқомати истироҳати нақбканон, сеюм, кандани нақби 2-километраи Гумсу барои обёрии зиёда аз 2 ҳазор гектар замини бекорхобидаи даштҳои Калташӯр ва бо роҳи худҷорӣ бо об таъмин намудани корхонаҳои саноатӣ. Инчунин, бо оби нӯшокӣ ва полезӣ таъмин кардани чор ноҳияи вилояти Кӯрғонтеппа (ҳозира Хатлон). Хушбахтона, соли 1969 аз таркиши аввал корҳо дар бунёди нақби 14-километраи ирригатсионии Данғара оғоз ёфтанд. Вале, мутаассифона, бо сабабҳои камбуди молиявӣ ва нарасидани мутахассисони соҳа, нақби 2-километраи Гумсу муваққатан ба дигар мухлат, аниқтараш баъди ба истифода додани нақби 14-километраи ирригатсионии Данғара мавқуф гузошта шуд. Инак, нақби мавқуфгузошта 55 сол мешавад, ки ба фаромӯшӣ рафтааст. Ҳеҷ нест, ки кори он оғоз ёбад. Соли 1986 баъди ба истифода додани нақби 14-километраи ирригатсионии Данғара, дар асоси нақшаи корӣ, мебоист кор дар нақби 2-километраи Гумсу оғоз меёфт. Мутаассифона, роҳбарияти вақти Тоҷикистон нисбат ба ин нақби асосӣ бетаваҷҷуҳӣ зоҳир намуда, оғози кори нақбро аз роҳбарияти марказ, яъне аз давлати Иттиҳоди Шӯравӣ талаб карда натавонистанд.

Имрӯз банда ҳамчун собиқадори соҳаи матбуот ва мутахассиси соҳаи нақбканӣ, мехоҳам ин нақби фаромӯшшударо ба унвони роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ намоям, ки ба манфиати кор мебошад. Барои бунёди нақби 2-километраи Гумсу имрӯз бо боварӣ метавон гуфт, ки имкониятҳои молиявию техникӣ дар кишвар хеле зиёд мебошанд. Боварӣ ҳаст, ки баъди ба нашр расидани мақолаи мазкур бо дастгирии Ҳукумат ин масъала ҳалли худро меёбад ва корҳо дар ин нақби асосӣ оғоз меёбанд.

Бояд гуфт, ки дар кишвар мутахассисони соҳаи нақбканӣ пурра мерасанд. Агар корҳо дар нақби Гумсу оғоз ёбанд, албатта, ин ба манфиати мардуми кишвар хоҳад буд. Зеро барои сохтмони нақбу каналҳои обгузар, тайёр кардани обанборҳо ва киштукори заминҳо баъд аз ба истифода додани нақб, ҳазорҳо нафар соҳиби кор мешаванд, ки ин аз манфиат холӣ нест.

**Холназар КАСИРОВ,**
**мутахассиси соҳаи нақбканӣ**

# БОҒИ САДБАРГ

## Чаро ҳавои он сардтар аз ҳавои Душанбест?



**Имсол расонаҳои ҷаҳон аз гармшавии бесобиқаи ҳаво бонги изтироб мезананд. Гармои шадид ҳатто сабаби марги шумораи зиёди одамон шудааст. Масалан, дар мавсими ҳаҷи фарзии имсола дар Арабистони Саудӣ қариб 1500 нафар ҷони худро аз даст доданд…**

Махсусан, дар Аврупо ҳарорати ҳаво бесобиқа баланд шуда, кишварҳои минтақаро сахт ба ташвиш овардааст. Гармои шадид сабаби он шудааст, ки кишварҳои аграрии Аврупо зарари ҷиддӣ мебинанд. Ҳоло ин мавзуъ дар парлумони тозаинтихоби Аврупо назар ба мавзуҳои сиёсӣ, монанди ҷанг дар Украинаю навори Ғазза, муҳимтар арзёбӣ мешавад.

Дар кишвари мо низ таъсири ин гармшавиҳо дида мешавад (ҳарчанд то дараҷи рекордӣ ҳанӯз дур аст). Ҳарчанд пойтахти кишвар - шаҳри сарсабзи Душанбе нисбат ба дигар минтақаҳои ҷанубӣ салқинтар аст, аммо онҳое, ки аз қисмати шимоли Тоҷикистон ва сайёҳоне, ки аз қисматҳои нисбатан сарди олам ба ин ҷо меоянд, онро гарм меҳисобанд. Гармои имсола дар пойтахт, ба мушоҳидаи нависандаи ин сатрҳо, ки дар қисмати сояи айвони худ ҳароратсанҷ гузоштааст, то ба 41 дараҷа расида буд ва ин ҳам қабл аз боронҳои чанд рӯзи охир. Аммо ҳоло пас аз “танаффуси” якҳафтаина боз ҳарорати ҳаво дар шаҳри мо ба оҳистагӣ баланд шуда истодааст ва интизор меравад, ки дар ҳафтаи оянда то ҳадди 40 ва ҳатто аз ин болотар равад.

Аммо дар пойтахт минтақаҳое низ ҳастанд, ки дар он ҷо ҳаво то ҳол аз 28-30 дараҷа боло нашудааст. Шояд гумон кунед, ки ин ҳолати муътадили обу ҳаво ба воситаи ҳавосардкунак (кондитсионер) дар ягон бинои муҳташам муяссар шудааст? Бовар намекунед, агар гӯям, ки ин тавр нест ва чунин ҳаво дар зери осмони кушод мавҷуд аст. Аммо чунин ҷой дар шаҳрамон ҳаст ва ман борҳо дар онҷо будаму аз гармии тобистон фирор кардаам...

Қабл аз он, ки нишонии ин мавзеи мақбулро ба шумо гӯям, назари нафаронеро манзуратон мегардонам, ки дар ин ҷо буданд.

- Ҳар тобистон ман қисмати гармтарини рӯзро дар ин ҷо сипарӣ мекунам,- меӯяд бобои Сафар, собиқ корманди ВКД, ки чанд сол пеш ба нафақа баромадааст.

- Агар рӯз кори зарури надошта бошаму саломатиам низ имкон диҳад, ҳанӯз ҳаво гарм нашуда, ин ҷо меоям ва то қариби пешин ин ҷо мемонаму ду-се газета, аз қабили “Тоҷикистон” ва “Оила”-ро дастрас кардаву мехонам,- мегӯяд ӯ.

- Ман як умр коргари роҳи оҳан будам ва ҳоло нафақагир. Чун хонаам наздик аст, ҳар рӯз ин ҷо меоям дам мегирам, зеро дар хона кондитсионер надорам. Ин ҷо кондитсионери бепулу безарар,-хандида мегӯяд Ҳабибулло Саидов, ки ба қавли худаш “мизоҷи доимии” ин макон аст.

Дар нишастгоҳи дигаре як ҷавони ба донишҷӯ монанд китобу варақҳои худро паҳн карда, бо диққат онҳоро мутолиа мекард. Ба хотири халал нарасонидан ба донишандӯзии вай, оҳиста аз паҳлуяш мегузарам...

Ба фикрам, вақти он расидааст, ки суроға ва асрори ин маконро ба хонанда боз кунам. Ин “биҳишт” гулгашти назди Роҳи оҳан, дар байни ҳайкали устод Айнӣ ва вокзали Роҳи оҳан, дар ноҳияи Шоҳмансур ҷойгир аст. Асрори ин макон дар он аст, ки дар атрофи фавворахоро чанорҳои калонсоли баланд иҳота карда, аз таъсири ҳавои атроф ва нурҳои офтоб як майдони калонро муҳофизат мекунанд. Ба болои ин, вақте ки фаввора оби сардро ба баландӣ мебарорад, дар навбати худ ин об ҳаворо сард мекунад. Чун чанорҳо баланд ва ба ҳам наздиканду хислати фурӯ бурдани нурҳои сӯзони офтобро доранд, дар ин ҷо як микроклимати алоҳидае пайдо мешавад, ки онро аз иқлими умумии дар шаҳр мавҷуда ҷудо мекунад. Ин аст асрори сардии ҳаво дар “Боғи Садбарг”...

**А. АҲМАДЗОДА,**
**сокини Душанбе**




**Хонандагони тоҷик дар 4-умин Олимпиадаи байналмилалии «STEM», ки аз 10 то 16-уми июл дар шаҳри Гааги шоҳигарии Ҳоланд баргузор гардид, соҳиби 5 ҷойи III (3 ҷой аз фанни математика ва 2 ҷой аз фанни табиатшиносӣ) гардиданд.**

Олимпиада аз фанҳои табиатшиносӣ, математика ва технологияи иттилоотӣ баргузор гардида, дар он дастаи мунтахаби Тоҷикистонро 8 нафар хонанда аз Муассисаи таълимии хусусии «Абдурахмони Ҷомӣ» муаррифӣ намуданд. Дар даври ниҳоии ин олимпиада зиёда аз 700 нафар иштирокчӣ аз 30 давлати дунё байни ҳам рақобат намуданд.



**Ҳаракати воситаҳои нақлиёт аз хиёбони Ҳ. Шерозӣ пайваст ба кӯчаи А. Қаххоров то кӯчаи М. Маҳмадалӣ барои тақрибан 40 рӯз баста хоҳад шуд.**

Дар ин бора шаҳрдории Душанбе хабар медиҳад. "Аз хиёбони Ҳ. Шерозӣ пайваст ба кӯчаи А. Қаххоров то кӯчаи М. Маҳмадалӣ, аз санаи 13-уми июли соли 2024 то 25-уми августи соли 2024 ҳаракати ҳамагуна воситаҳои нақлиёти автомобилӣ муваққатан қатъ карда мешавад",- омадааст дар хабарнома. Роҳбандӣ бо мақсади таъмири роҳҳо сурат мегирад.



**Ҳукумати Русия созишнома дар бораи бунёди як маркази байналмилалии таълимии кӯдакони лаёқатманд дар Тоҷикистонро ба тасвиб расонид.**

Дар ин бора қарори нахуствазири Русия Михаил Мишустин имзо шудааст. Мишустин ҳамчунин дастур додааст, ки лоиҳаи қонун дар бораи тасвиби созишнома ба Думаи давлатӣ пешниҳод шавад. Ёдовар мешавем, ки созишнома дар бораи бунёди маркази байналмилалии кӯдакони лаёқатманд дар Душанбе дар чаҳорчӯби ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматии ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни Федератсияи Русия ва Тоҷикистон ба имзо расида буд.

# МУАЛЛИМ ШАКУРӢ

## Пешгоми худшиносии миллӣ ва маорифпарварӣ

**Охири асри XIX дар Туркистон, аз ҷумла дар Самарқанд чандин шоиру маорифпарварон зиндагӣ ва эҷод карда, барои саводнок намудани фарзандони халқ нақши босазое гузоштаанд. Аз ҷумла Саидаҳмад Васлӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Абдулло Авлонӣ, Садриддин Айнӣ, Шукруллозода, Саидризо Ализода, Исҳоқхон Ибрат, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Исматулло Раҳматуллозода, Абдуқодир Шакурӣ, Мирзомуҳаммади Самадзода, Нисор Муҳаммади афғон, Лутфулло Бузургзода, Абдуаҳади Мақсудӣ ва даҳҳо дигарон бахри ривоҷу равнақи мактабу маориф заҳматҳои зиёде кашиданд. Баъдтар, солҳои сиюм, Ҳилол Каримов ва дигарон аз пайи тараққиёти мактабу маориф шуданд. Абдуқодир Шакурӣ дар байни онҳо мавқеи махсус дорад.**

Абдуқодир Шакурӣ соли 1875 дар деҳаи хушманзараи Раҷабамини ноҳияи Самарқанд дар оилаи боғбони миёнаҳол таваллуд шуд. Падараш, ки хату савод дошт, ӯро ба мактаби куҳнаи назди масҷиди деҳа дод. Лекин усули мактаб Абдуқодири ҷавонро қонеъ накард. Аз ин рӯ, падар барои хату савод баровардани ӯ саъй намуд. Абдуқодир дар муддати кӯтоҳ ғазалиёти Ҳофиз ва «Гулистон»-и Саъдиро пурра аз бар кард. Дар 12-солагӣ барои давом додани таҳсил ба мадрасаи Орифҷонбойи Самарқанд дохил шуд. Ӯ зеҳни хуб ва қувваи ҳофизаи худодод дошт. Бинобар ин мударриси мадраса Тӯрахӯҷа ба ин шогирди ҷавони худ эътибори алоҳида медод. Ин аст, ки бо меҳрубониҳои Тӯрахӯҷа тӯли 5-6 сол илмҳои ҳуқуқ, грамматика, забони арабӣ ва мантиқро аз бар кард.

Шакурӣ дар шаҳр дӯстони зиёд дошт. Яке аз онҳо Бахриддини соатсоз буд, ки баробари шуғли худ, рӯзномаи «Тарҷумон»-ро пайваста мутолиа мекард ва аз воқеаҳои олам хабардор мешуд. Абдуқодир рӯзе дар дӯкони Бахриддин як нусхаи рӯзномаро дида, аз дӯсташ илтимос кард, ки шумораҳои онро барои хондан диҳад. Маърифатпарвари ҷавон ба воситаи ин рӯзнома аз навигариҳои олам бохабар ва аз пайи навовариҳо шуд. Аз тарафи дигар, диққати Абдуқодирро маданияти русҳо ба худ ҷалб сохт. Хусусан, ба мактабу гимназияҳои русии Самарқанд бо ҳавас менигарист. Хонандагони онҳо дар синфхонаҳои калону равшани мизу курсидор дониш меомӯхтанд. Дар дили Абдуқодири ҷавон ҳаваси ташкил кардани мактаби усули нав пайдо шуд. Ӯ аз дӯсти наздикаш, шоир Сиддиқии Аҷзӣ шунида буд, ки дар Қӯқанд аз ҷониби Абдуаҳади Мақсудӣ ном муаллим мактаби ҷадид ташкил шудааст. Вай муддати 10 рӯз ба шаҳри Қӯқанди Фарғона рафт ва бо фаъолияти он мактаб шинос шуд. Баъди бозгашт ҳавлии муфтии шаҳрро, ки дар гузари Тошкандии Самарқанд ҷойгир буд, ба иҷора гирифта, мактаби усули нав кушод. Ба мактаб равшанфикрони давр Саидризо Ализода, Исматулло Раҳматуллозода, Муҳаммадалӣ Ҷаъфарзода ва дигаронро ҷалб кард. Аммо руҳониёни ҷоҳили хурофотпараст ва оммаи мутаассиб аз ин мактаб хабардор шуда, аз пайи таъқиби муаллимон шуданд. Дар мактаб баробари фанҳои дунявӣ аз «Қуръон» ва ояту сураҳои он, инчунин таҷвид (дуруст хондани Қуръон) дарсҳо дода шавад ҳам, диндорони ҷоҳил аз пайи нест кардани мактаб шуданд. Ин ҳолро нависандаи тоҷик Ҳасан Ирфон, ки худаш шогирди он мактаб буд, дар асараш "Дар кулбаи косибон" шарҳ додааст: «Хулоса, фарзандони худро ба мактаби нав, хусусан ба мактаби Қориака Шакурӣ додан, аз одамон як навъ фидокорӣ талаб мекард. Мудир ва муаллим шудан дар ин мактаб, қаҳрамоние буд, ки фақат бачагон ба муаллимони ин мактаб медонанду бас».

Бо вуҷуди тазйиқҳои пай дар пай, Шакурӣ ҷасурона барои пешрафти кори мактаб ҳаракат кард. Ӯ варақа (карточка)-ҳо сохта, ба воситаи онҳо падару модаронро барои саводомӯзӣ ва бефарқ набудан нисбати тарбияи фарзандонашон даъват мекард. Дар анкетаҳо аз ҷумла саволҳои зерин навишта мешуданд:

- **Мулло фалонӣ (номи бача) салом медиҳад ё не?**
- **Ба гап гӯш мекунад ё не?**
- **Намоз мехонад ё не?**
- **Дарс тайёр мекунад ё не?**
- **Бо хурду калон, бародарон, хоҳарон ва ҳамсоягон нағз муомила мекунад ё не?**

Падару модарон ба ин саволҳо ҷавоб навишта мефиристоданд ва агар таклифу пешниҳоде дошта бошанд, ба ҷойи саволи шашум илова мекарданд.

Маорифпарвари фидокор ин услуби тарбияро аввалин шуда дар мактаби худ ҷорӣ кард, падару модарон онро ҳамаҷониба дастгирӣ намуданд. Дар натиҷа обрӯи Шакурӣ ва мактаби ӯ рӯз то рӯз баланд мегашт.

Бояд гуфт, ки мактаб пулакӣ буд. «Барои моҳонаи муаллимон ва дигар эҳтиёҷот аз ҳар хонанда 2-3-сӯмӣ пул ҷамъоварӣ мешуд. Аммо камбағалбачаҳо бепул таҳсил мегирифтанд. Масалан, аз 130 хонанда 30 нафар бепул мехонданд».

Бо сабаби рӯз то рӯз зиёд шудани миқдори шогирдон хонаҳои мактаб тангу камӣ кард. Абдуқодир Шакурӣ маҷбур шуд, ки ҷойи таҳсилро ба гузари Ҷорраҳаи шаҳр - ҳавлии марди бадавлат Мамараҳимбой кӯчонад. Ин ҳавлӣ васеъ буд ва хонаву болохонаҳои калон дошт. Соҳиби он марди ҳимматбаланд



буда, иҷорапулӣ намегирифт. Ин шароит Шакуриро водор намуд, ки фаъолияти мактабашро такмил диҳад. Ӯ барои баланд бардоштани саводнокии шогирдон ба асбобҳои аёнӣ диққати махсус медод. Аввал аз як дӯсташ барои омӯзонидани фанҳои таърих ва ҷуғрофия «Атласи усмонӣ» овард. Баъдтар аз гимназияи самарқандии русҳо курраи Замин (глобус) харид, ки ин барои шогирдони мактаб басо шавқовар буд.

Шакурӣ ба воситаи он чӣ тавр дар атрофи меҳвари худ давр задани Замин, масоҳати Моҳу Офтобро мефаҳмонд. Аз ин рӯ завқу рағбати хонандагон ба фанҳои дунёвӣ рӯз то рӯз меафзуд. Дар мактаби мазкур барои тарбияи ҷисмонӣ соати алоҳида ҷудо карда буданд. Онро бисёртар худи Шакурӣ мегузашт. Ӯ таъкид мекард, ки тарбияи бадан барои саломатии инсон зарур буда, аҳамияти калон дорад. Бачагонро ба саҳни ҳавлӣ бароварда, аввал худаш машқҳои гуногунро нишон медод ва баъд ба бачагон мефармуд, ки онро такрор кунанд. Дарси таълими меҳнат низ бо услубҳои ба худ хос гузаронида мешуд. Абдуқодир Шакурӣ, ки касби падариро хуб медонист, ба хонандагон боғпарварӣ ва усули пайванд кардани дарахтони меваdorро бо аёният мефаҳмонд. Ё худ бо асрори касби кулолию дуредгарӣ ошно мекард.

Қобили қайд аст, ки дар мактаб фанҳои динӣ низ сабақ дода мешуданд. Ҳам бачагон ва ҳам муаллимон ба мактаб бо либоси миллӣ меомаданд. Бачаҳо ба пойи таҳорат, ҳамроҳи муаллимон дар масҷид намози пешинро адо мекарданд. Аммо руҳониён ҳамоно аз пайи иғво буданд, мактаби Шакуриро чашми дидан надоштанд. Ҳатто шумо кофиру кофирбачагонед,- гӯён онҳоро аз масҷид меронданд.

«Мо ҳеҷ гоҳ,- навишта буд журнали руҳониёни Туркистон «Ал-ислоҳ»,- динро ба ҳаёти дунёвӣ намедиҳем». Аз ҷониби дигар, намояндагони пешқадами русҳо, аз ҷумла губернатори ҳарбии ҳамонвақтаи Самарқанд Грачкин ва ҷосуси ҳукумати подшоҳии Русия дар давлати Бухоро Буйлин намехостанд, ки ҷавонони мо аз илмҳои дунёвӣ хабардор бошанд. Яъне мактаби Шакурӣ дар байни обу оташ монда буд.

Маорифпарвари нававвар сарфи назар аз ин хавфу хатарҳо, барои ҷомаи амал пӯшонидани орзуҳои худ мекӯшид. Ӯ бо маорифпарварон ва демократҳои Озарбойҷон Ҷалил Мамадкулизода ва Алиакбар Собир, ки асосгузорони маҷаллаи ҳаҷвии «Мулло Насриддин» буданд, алоқаи наздик дошт. Ин маҷалла аз даст ба даст гузашта, ба Самарқанд ҳам меомад. Шакурӣ баъзе шумораҳои онро ёфта, мутолиа мекарду ҷаҳонбиниаш васеътар мешуд. Зеро «Мулло Насриддин» бо равияи озодихоҳӣ ва мубориза худ ба муқобили панисломизм машҳур шуда буд.

Ин аст, ки Шакурӣ ақидаҳои маорифпарварии худро бочуръатона пеш меронд. Бо ташаббускорӣ ва шуҷоату далерӣ аввал дар гузари «Шарбатдор»-и шаҳр дар бинои маъмурии алоҳида мактаби усули нав (мактаб ба номи Шакурӣ буду рақами 11 дошт)-ро ташкил ва шахсони тараққипарварро ба кори муаллимӣ даъват кард. Таълимгоҳи мазкур беш аз 100 сол фаъолияти пурсамар дошт. (Таълимгоҳ аввали солҳои 90-уми асри гузашта аз байн рафт ва ба ҳоло дар он боғчаи бачагона фаъолият дорад). Сипас, дар ибтидои соли 1900 дар деҳаи худ мактаби нав бунёд кард, ки таърихи аҷиб дорад.

Абдуқодир ҷавони болобаланду паҳлавонҷусса буда, дар деҳаи Раҷабамин обрӯю нуфузи хуб дошт. Хурду калон ба ӯ Қориака гӯён муроҷиат мекарданд. Аз рӯйи нақли пиронсолони деҳа, аз ҷумла шодравон Маъруфбобои 85-сола маълум шуд, ки Шакурӣ то охири умри худ ҳамчун амини деҳа кор карда, бахри равнақи илму ҳунари ҷавонон фидокориҳо зоҳир намудааст. Бешубҳа, барои бунёди бинои мактаби нав маблағ лозим буд. Аз ин хусус ӯ бо Аҳмади пахта ва Саттори чигит ном шахсони тадбиркору сарватманд, ки ҳамдеҳааш буданд, маслиҳат кард. Устои кандакори деҳа Соҳибназарро ба ин кор ҷалб намуд. Ниҳоят ҷӯбу тахта муҳайё шуду дар бинои масҷиди деҳа ду-се синфхонаи замонавӣ бунёд гардид, ки фаршу шифти онҳо бо тахтаҳои суфта оро ёфта буд.

Аз бунёд шудани мактаби усули нав аҳли деҳа хурсанд шуданд. Абдуқодир Шакурӣ маърифатпарварони давр Сиддиқии Аҷзӣ, Исматулло Раҳматуллозода, Саидризо Ализода, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ва чанде дигаронро ба кор даъват кард. Дар ин таълимгоҳ низ баробари фанҳои дунёвӣ барои таълимоти динӣ соатҳои алоҳида ҷудо карда буданд. Асосан харитаи дунё, глобус, китобҳои «Баён-ул-ҳуруф»-и Саидаҳмад Васлӣ, «Рисолаи асбоби савод»-и Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ҳамчун аёният ва воситаи таълим истифода мешуданд. Баъдтар худи Шакурӣ «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» (1907) ва «Зубдат-ул-ашъор» (1907) барин китобҳои дарсӣ навишт.

Бузургии Абдуқодир Шакурӣ дар он буд, ки ӯ бо як далерӣ ва шуҷоатмандӣ нашриёти хусусии «Муаллим мулло Абдуқодир Шакурӣ»-ро кушода, асарҳои шоир ва маърифатпарварони ҳамасри худ «Анҷумани арвоҳ», «Миръоти ибрат»-и Сиддиқӣ, «Гулдастаи адабиёт»-и Ҳоҷӣ Муин, «Роҳбари дониш»-и Исматулло Раҳматуллозода ва дигаронро аз чоп баровард.

Аммо сад афсӯс, ки бо тӯҳмати риёкорон соли 1937 ин алломаи маърифат низ ба табъид дучор гардида, соли 1943 дар ҳабсхонаи Тошканд бинобар беморӣ вафот кард.

Ин ҷо ба навиштаи худ нуқта гузошта, аз пайравону карибони Шакурии шодравон, аҳли деҳаи Раҷабамин ва муҳаққиқону олимони ҷавон, аз аҳли шаҳр хоҳиш мекунам, ки барои фаромӯш нашудани ному кори пуршарафи Абдуқодир Шакурӣ саъй кунанд, кӯча ё мактаберо ба номаш гузоранд.

**Ҳамза ҶӮРА,**
**ш. Самарқанд**

# ИФТИТОҲИ ЧОР ИНШООТИ НАВ ДАР ПОЙТАХТ

**16-уми июл Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳр Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Душанбе як қатор иншоотро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Аз ҷумла, дар кӯчаи Ҳофизи Шерозии ноҳияи Синои пойтахт бинои тарабхонаи “Баҳор-Фарел” ба истифода дода шуд. Иншооти муосир аз ҷониби соҳибкори ватанӣ, роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Баҳор” Саймуҳриддин Сайфов бунёд шудааст. Тарабхона аз се ошёна иборат буда, дар як вақт ба зиёда аз 500 нафар хизмат мерасонад.

Ҳамчунин, аз тарафи сарвари давлат дар ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт корхонаи истеҳсоли маҳсулоти нонию қаннодии ҶДММ “Нонпаз” мавриди истифода қарор гирифт. Коргоҳи мазкур аз солҳои 30-юми қарни гузашта фаъолият дошт ва бо пешрафти замону рушди ҷомеа тамоми дастгоҳу таҷҳизоти он корношоям гардида буд.

Гуфта мешавад, имрӯз дар корхонаи “Нонпаз” беш аз 80 намуди маҳсулоти нонию қаннодӣ, аз ҷумла нон, батон, баггет, кулчаҳои қандин, торт, круассан, ширинихои варақӣ ва амсоли инҳо истеҳсол карда мешавад. Иқтидори истеҳсолӣ дар як шабонарӯз 40 тонна маҳсулоти нонӣ ва 5 тонна маҳсулоти қаннодӣ мебошад.

Ҳамчунин Президенти мамлакат ва Раиси шаҳри Душанбе дар ҳудуди Парки технологияҳои инноватсионии “Ғаюр Гурӯҳ” марҳилаи дуюми Корхонаи истеҳсоли халтаҳои полипропиленӣ, платаҳои чопӣ ва фурӯзонакҳои диодии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ғаюр Гурӯҳ”-ро, ки аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Акбар Асадулло бунёд шудааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Марҳилаи дуюми корхона аз хатҳои иловагии истеҳсоли риштаҳои полипропиленӣ, дӯхти матоъ, ламинатсия, суратофарӣ, буриши матоъ ва насби клапанҳои автоматӣ иборат буда, имкон медиҳад, ки 140 нафар бо кори доимӣ таъмин гарданд. Мувофиқи нақша дарояндаи наздик шумораи коргарон ба 600 нафар расонида мешавад.

Иқтидори истеҳсолии корхона аз 70 млн дона халтаҳои полипропиленӣ то ба 120 млн дона расонида шуда, талаботи бозори дохилӣ дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, кимиё ва ғайра пурра бо халтаҳои дорои клапани автоматӣ бо технологияи инноватсионии Ад Стар “AD STAR” қонеъ мегардад, вобастагӣ аз маҳсулоти борпечонии хориҷӣ бартараф мешавад. Ҳамчунин қисми боқимондаи маҳсулот ба содирот хоҳад рафт.

Инчунин, Эмомалӣ Раҳмон ва Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Синои пойтахт Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ҷавоҳироти заргарии Зарафшон”-ро ба истифода доданд.

Иншооти нави истеҳсолӣ аз коргоҳҳои заргарӣ ва маркази фурӯши тило иборат буда, дар як сол иқтидор дорад то як тонна тилоро коркард намояд. Минбаъд намудҳои гуногуни ҷавоҳирот бо истифода аз технологияи муосир дар ҳамин ҷой истеҳсол ва пешниҳоди мизоҷон гардонида мешавад.













**Шуруъ аз 1-уми август дар чаҳор ноҳияи Душанбе ярмаркаҳои либоси мактабӣ ташкил карда мешавад. Дар ин бора дафтари матбуоти ҳукумати пойтахт хабар додааст.**

Гуфта мешавад, ки ярмаркаи аслӣ дар бозори "Саховат" дар маркази тиҷоратии "Панҷшер" ташкил мешавад. Бозорҳо ҳар рӯз аз соати 9-и субҳ ба кори худ оғоз хоҳанд кард. Дар ин ярмаркаҳо сокинони шаҳр метавонанд либоси мактабӣ, пойафзол ва лавозимоти канселярии заруриро барои таҳсил бо нархи арзон харидорӣ намоянд.

Шаҳрдорӣ шарҳ додааст, ки дар ярмаркаҳо беш аз 20 корхонаи ватанӣ иштирок хоҳанд кард.



# НАТИҶАҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ



Давлаталӣ САИД, раиси вилояти Хатлон

**Фаъолияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар нимсолаи якуми соли 2024 ба иҷрои саривақтӣ ва сифатноки дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва вазифагузориҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2023 "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» иброз гардидаанд, инчунин амалисозии қарору супоришҳои Ҳукумати кишвар вобаста ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилоят нигаронида шуд.**

## ИҚТИСОД

Дар 6 моҳи соли 2024 нақшаи андозҳо бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар маҷмуъ 100,9 % таъмин гардида, ба буҷет 1 млрд 296,1 млн сомонӣ маблағ ворид карда шудааст, ки нисбат ба нақша 11,2 млн сомонӣ ва нисбати ҳамин давраи соли гузашта 169,1 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Аз ҷумла, нақшаи андоз 100,4% таъмин гардида, ба буҷети вилоят 1 млрд 91,1 млн сомонӣ маблағ ворид гардид, ки нисбат ба нақша 4,4 млн сомонӣ зиёд аст. Нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 103,5 % таъмин шуда, ба буҷет 205,1 млн сомонӣ ворид гардид, ки аз нақша 6,9 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Ба соҳаҳои буҷетии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо 1 млрд 607 млн 979,7 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ карда шуда, 1 млрд 448 млн 530,1 ҳазор сомонӣ, ё ин ки 90,1 фоизи маблағҳои буҷетӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ равона карда шудааст.

## БАРНОМА

Мониторинги иҷрои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки ба ҳолати 31-уми декабри соли 2023 ва 6 моҳи соли ҷорӣ дар доираи тадбирҳои андешидашуда 170 лоиҳа ба маблағи 4,8 млрд сомонӣ ё 56,5 % иҷро гардида, дар 88 лоиҳаи дигар корҳо идома доранд.

Татбиқи Барнома бо дарназардошти лоиҳаҳои иҷрошуда ба 46,2% баробар аст.

## ШУҒЛИ АҲОЛӢ

Ба ҳолати 1-уми июли соли 2024 дар вилоят 29339 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудааст. Аз ҷумла, аз ҳисоби шахсони воқеӣ 28028 ҷойи корӣ ва 1311 ҷой аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ.

Аз ҳисоби баргузории 159 ярмаркаи ҷойҳои холии корӣ 2402 нафар шаҳрвандон бо ҷойи кор таъмин гардида, дар умум 3445 нафар шаҳрвандон бо шуғл фаро гирифта шуданд.

## ҲАҶМИ ГАРДИШИ МОЛ

Гардиши мол дар 6 моҳи соли 2024 ба 7 млрд 478,1 млн сомонӣ расидааст, ки нисбат ба ҳамин даврои соли гузашта 119,6 % ё ин ки 1 млрд 227,6 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ 1 млрд 339 млн сомониро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин даврои соли сипаришуда 112,5 % ё 149 млн сомонӣ зиёд мебошад.

## ГАРДИШИ САВДОИ ХОРИҶӢ

Дар 6 моҳи соли 2024 гардиши савдои хориҷӣ ба 225 млн 449,2 ҳазор доллари амрикоӣ расидааст. Содироти мол ба 117 млн 770,2 ҳазор доллари амрикоӣ баробар шудааст, ки нисбат ба ҳамин даврои соли гузашта 51,1 % ё 39,8 млн доллари амрикоӣ зиёд мебошад.

Бори аввал аз қаламрави вилоят ба хориҷӣ кишвар 626 тонна нуриҳои минералӣ, ки дар корхонаи "Азот" истеҳсол шудааст, ба маблағи 169 ҳазор доллар ба Афғонистон содирот карда шуд.

Воридоти мол ба вилоят 107 млн 679 ҳазор доллари амрикоиро ташкил дод.

## КИШОВАРЗӢ

Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 12 млрд 997 млн 998,2 ҳазор сомонӣ расонида шуд, ки афзоиши он дар муқоиса ба ҳамин даврои соли гузашта 110 фоиз, аз ҷумла дар бахши растанипарварӣ 10 млрд 453 млн сомонӣ (110 %) ва дар бахши чорводорӣ 2 млрд 545 млн сомониро (107,2%) ташкил медиҳад.

Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 498 ҳазор тонна ғалладонагиҳо, 174 ҳазор тонна картошка, 978 ҳазор тонна сабзавот, 395 ҳазор тонна полезиҳо, 92 ҳазор тонна меваҷот ва 2700 тонна ангур истеҳсол гардидааст.

Тибқи маълумотҳои оморӣ шакли 4-кишоварз ба ҳолати 7-уми июли соли ҷорӣ дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ дар майдони 337,8 ҳазор гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шуд, ки 103 фоизи дурнаморо ташкил додааст.

Пахтакорӣ яке аз самтҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ ба шумор рафта, кишоварзони вилоят дар майдони 118,4 ҳазор гектар кишти пахта гузарониданд, ки нисбат ба ҳамин даврои соли гузашта 2136 гектар зиёд мебошад.

Дар майдони 20,8 ҳазор гектар кишти сабзавот гузаронида шудааст. Афзоиши истеҳсоли сабзавот дар вилоят 110,5 фоиз таъмин гардид.

Кишти картошка дар майдони 6830 гектар гузаронида шуд, ки нисбат ба ҳамин даврои соли гузашта 1033 гектар зиёд мебошад.

Кишти полезӣ дар майдони 13377 гектар гузаронида шудааст. Ба ҳолати 8-уми июли соли равон дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидории вилоят ва гармхонаҳои доимоамалкунанда дар майдони 60,4 гектар кишти сабзавоти барвақтӣ гузаронида шуда, аз ин ҳисоб 1539 тонна маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла 533 тонна помидор, 163 тонна бодиринг ва 843 тонна дигар сабзавот истеҳсол карда шуд. Инчунин дар майдони 1327 гектар гармхонаҳои мавсимӣ кишти сабзавоти барвақтӣ гузаронида шуд.

Ба ҳолати 1-уми июли соли ҷорӣ дар майдони умумии 112152 гектар кишти такрорӣ гузаронида шуд, ки нисбат ба ҳамин даврои соли гузашта 1526 гектар зиёд мебошад.

Соли ҷорӣ дар майдони 280,0 гектар боғу токзорҳои нав бунёд ва 154,3 гектар боғу токзорҳо барқарор карда шуданд.

Ба ҳолати 1-уми июли соли 2024 дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидории вилоят 1 млн 127 ҳазору 853 сар чорвои калони шохдор, аз ҷумла 591805 сар модагов, 2 млн 919 ҳазор 595 сар гӯсфанду буз, 62422 сар асп, 2 млн 436 ҳазор 904 сар паранда, 65786 оилаи занбӯри асал ва 57856 сар харгӯш парвариш карда мешавад.

Шумораи хоҷагиҳои моҳипарварӣ ба 319 адад расонида шуда, нисбат ба ҳамин даврои соли гузашта 14 адад зиёд мебошад.

## САНОАТ ВА ЭНЕРГЕТИКА

Саноатчиёни вилоят дар моҳҳои январ-июни соли ҷорӣ ба маблағи беш аз 5 млрд 18,4 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд.

Дар даврои ҳисоботӣ 841 корхонаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла



# ХАТЛОН ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024




дар соҳаҳои истихроҷ 118 адад, коркард 655 адад, таъминоти неруи барқ, газ, бӯғ, тозакунии ҳаво, таъминоти об ва коркарди партовҳо 68 адад фаъолият намудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 55 корхона зиёд мебошад.

Дар соли ҷорӣ 40 корхонаи нави саноатӣ бо 343 ҷойҳои корӣ таъсис ёфта, шумораи умумии кормандон ба 21500 нафар расонида шуд.

Дар саноати истихроҷи маъдан дар давраи ҳисоботӣ ба маблағи 181 миллиону 330 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 37,4 млн сомонӣ (35,3 фоиз) зиёд мебошад.

Ҳаҷми истеҳсолот дар саноати коркард 2,6 миллиард сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта 115,6 млн сомонӣ ё 5,1 фоиз зиёд мебошад.

Истеҳсол ва тақсимоти барқ 2 миллиарду 235 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки ба 104,5 фоиз баробар аст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар вилоят 177 номгӯи маҳсулоти саноатӣ истеҳсол шудааст, ки аз онҳо суръати рушди 145 номгӯ таъмин гардида, 13 намуд маҳсулоти саноатӣ, ки соли гузашта истеҳсол намешуд, имсол истеҳсолашон ба роҳ монда шуд.

## НАҚЛИЁТ ВА РОҲ

Дар соҳаи нақлиёт ва роҳ дар 6 моҳи соли 2024 ҳаҷми боркашонӣ ба 21 млн 791 ҳазор тонна (суръати афзоиш 119%) ва ҳаҷми мусофиркашонӣ ба 87 млн 751 ҳазор нафар (114 %) баробар гардид.

Дар микёси вилоят, дар умум ба масофаи 1727 километр роҳҳо ба маблағи умумии 55,5 миллион сомонӣ таъмиру азнавсозӣ шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли 2023 ба маблағи 13,6 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

## СОҲАИ СОХТМОН

Дар шаш моҳи соли 2024 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ ба соҳаи сохтмон дар ҳаҷми 1 млрд 618 млн сомонӣ маблағҳо равона карда шудааст, ки суръати афзоиши он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 124,1 фоизро ташкил медиҳад.

Корҳои сохтмону васлкунӣ бошад, дар ин давра ба маблағи 1 млрд 265 млн сомонӣ иҷро гардида, он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 126,7 фоизро дар бар мегирад.

Ба ҳолати 1-уми июли соли 2024 тибқи нақшаи пешакӣ дар вилоят аз тарафи шаҳру ноҳияҳои вилоят то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд ва сохтмони 6260 адад бинову иншоот ба нақша гирифта шуда, дар давоми солҳои 2022, 2023 ва шаш моҳи соли 2024 тибқи маълумотҳои оморӣ дар вилоят 3090 адад биною иншоот ба маблағи умумии 2 млрд 517 млн сомонӣ мавриди истифода қарор дода шудааст.

## МАОРИФ ВА ИЛМ

Дар вилояти Хатлон 1386 адад муассисаҳои таълимӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 867 ҳазору 185 нафар хонанда, аз ҷумла 418 ҳазору 480 нафар духтарон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Шумораи умумии омӯзгорони муассисаҳои таълимии вилоят 47 ҳазору 202 нафар буда, аз ин шумора 29 ҳазору 987 нафари онҳоро занон ташкил медиҳанд.

Дар ин давра шумораи умумии муассисаҳои томактабӣ ба 169 адад расонида шуда, фарогирии кӯдакон дар ин зина 19,336 нафар ва дар 1286 Марказҳои инкишофи кӯдак 67557 нафар кӯдакро ташкил медиҳад, ки шумораи умумии фарогирии кӯдакон 86893 нафар, 21%-ро ташкил медиҳад.

Тибқи талаботи нақшаи чорабиниҳои Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025 то соли 2025 дар ҳудуди вилоят 43 адад иншооти гуногуни соҳаи маориф ба нақша гирифта шуда, ба ҳолати имрӯз дар вилоят 21 адад иншооти дорои 227 адад синфхона барои 5675 ҷойи нишаст дар як баст ва дар ду баст 11350 ҷойи нишаст сохта ба истифода дода шудааст, ки 49%-и иҷрои Барномаро ташкил медиҳад.

Дар шаш моҳи соли 2024 дар маҷмӯъ 32 иншооти соҳаи маориф иборат аз 213 синфхона барои 5325 ҷойи нишаст дар як баст (дар ду баст 10650) мавриди истифода қарор дода шуданд.

## ТАНДУРУСТӢ

Дар соҳаи тандурусти вилоят 4221 нафар табибон ва 21533 нафар кормандони миёнаи тиб бо назардошти тиби хусусӣ ба кор ҷалб гардидаанд.

Дар шаш моҳи соли 2024 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 12 адад иншооти соҳаи тандурустӣ сохта ба истифода дода шудааст (аз ҷумла, Маркази саломатии бисёрсоҳавии ноҳияи Данғара, 1 адад Маркази ташхисию табобатии фаъолияти хусусии тиббӣ, 1 адад Маркази саломатии деҳотӣ ва 9 адад Бунгоҳи саломатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бо маблағи 18 млн 369 ҳазору 200 сомонӣ).

Дар шаш моҳи соли 2024 дар муассисаҳои тандурустии вилоят 178 нафар табибон ба кор қабул гардида, масъалаи эхтиёҷоти муассисаҳои тандурустии вилоят ба мутахассисони соҳа ҳалли худро ёфта истодааст.

## ФАРҲАНГ

Дар нимсолаи аввали соли 2024 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 14 ҳазору 893 чорабиниҳои гуногуни фарҳангию фароғатӣ бо иштироки 1 млн 092 ҳазору 256 нафар сокинон ташкилу баргузор карда шуд.

## ҶАВОНОН ВА ВАРЗИШ

Дар ин давра ҷиҳати баланд бардоштани ҳувияти ватандорӣ ва тарбияи ҳарбию варзишии ҷавонон, пешгирии шомилшавии онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ 7,192 адад чорабинии фарҳангӣ, мулоқоту воҳӯриҳо, суҳбату машвартҳо, варзишӣ-солимгардонӣ, хонишҳои сиёсӣ, курсҳои омӯзишӣ, семинар, тренингҳои омӯзишӣ, аксияву ҳамоишҳо, ҳарбӣ-варзишӣ гузаронида шуда, дар онҳо 420,365 нафар ҷавонон фаро гирифта шуда, ҷиҳати пешгирии бемориҳои сироятӣ, таҳдиду хатарҳои замони муосир, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷавонон ва таҳкими ватандӯстию худогоҳии онҳо 14,210 адад маводҳои иттилоотӣ тақсим карда шуд.

Дар вилоят 6 мактаби варзишии вилоятӣ ва 31 муассисаҳои давлатии мактаби варзишӣ баҳри оммавӣ гардидани варзиш, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва рушди кори соҳа фаъолият дошта, дар онҳо аз рӯи 37 намуди варзиш 18,396 нафар варзишгарон, аз он ҷумла 2,597 нафар бонувон дар 1,392 гурӯҳи машқӣ ҳамарӯза ба машғулиятҳои варзишӣ фаро гирифта мешаванд.

Теъдоди умумии майдончаҳои варзишӣ дар ҳудуди вилоят 3,196 адад буда, теъдоди варзишгоҳҳо 40 адад, толорҳои варзишӣ 574 адад, ҳавзҳои шиноварӣ 38 адад, маҷмааи варзишӣ 11 адад ва дигар намуди иншооти махсуси варзишӣ 231 ададро ташкил медиҳад.

Дар давоми шашмоҳаи аввали соли 2024 варзишгарони вилоят дар 95 чемпионат ва мусобиқаҳои варзишии ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, сазовори 522 медали тило, 441 медали нуқра, 536 медали биринҷӣ гаштанд ва дар 19 чемпионат ва мусобиқаҳои хориҷи кишвар иштирок намуда, 18 медали тило, 17 медали нуқра ва 37 медали биринҷӣ ба даст оварданд. Аз чемпионат ва мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар маҷмӯъ 1571 медал ба хазинаи вилоят ворид гардид, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 344 адад медал зиёд мебошад.



ПАРИЖ-2024

# ТЕМУР РАҲИМОВ - ПАРЧАМБАРДОРИ ТОҶИКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.2)

Дар ин мулоқот зикр шуд, ба варзишгароне, ки дар Олимпиадаи Париж-2024 медали тилло мегиранд, ҷоизаи президенти Тоҷикистон ба маблағи 300 ҳазор сомонӣ, ба барандагони нишони нуқра 250 ҳазор сомонӣ ва ба соҳибони нишони биринҷӣ 200 ҳазор сомонӣ супурда мешавад.

Инчунин бо қарори раиси шаҳри Душанбе ба онҳое, ки дар ин бозиҳо барандаи медали тилло мешаванд, манзили сеҳуҷрагӣ, медали нуқра - дуҳуҷрагӣ ва медали биринҷӣ - якҳуҷрагӣ тақдим мегардад.

Ба ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон 14 варзишгар - шаш нафар дар риштаи ҷудо, се кас дар намуди бокс, якнафарӣ дар риштаҳои таеквондо ва гӯштини озод, инчунин ду шиновар ва як даванда дохиланд.

Эмомалӣ Нуралӣ дар вазни то 66 кило, Беҳрӯзи Хоҷазода (-73 кг), Сомон Махмадбеков (-81 кг), Комроншоҳ Устопириён (-90 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов (-100 кг) ва Темур Раҳимов (+100 кг) - дар риштаи ҷудо; Баҳодур Усмонов (-63,5 кг), Мичгона Самадова (-57 кг) ва Давлат Болтаев (-92 кг) - дар риштаи бокс; Мунира Абдусаломова дар риштаи таеквондо дар вазни +67 кило; Виктор Рассадин дар риштаи гӯштини озод дар вазни то 74 кило; ду нафар - Екатерина Бордачёва ва Фахриддин Мадкамов - дар шиноварии тарзи озод ба масофаҳои кӯтоҳ - 50 ва 100 метр, Фаворис Музрапов дар варзиши сабук (дав ба масофаи 100 метр) дар мусобиқот аз рӯи барномаи Бозиҳои олимпии соли 2024 дар Париж рақобат мекунанд.




Дар Олимпиадаи Париж-2024 иштироки 10500 варзишгар аз 206 кишвари ҷаҳон дар назар аст. Варзишгарон барои 329 маҷмуи медалҳо дар 32 намуди варзиш мубориза мебаранд.

Маросими ифтитоҳи Бозиҳои олимпии соли 2024 дар Париж, ки 26-уми июл баргузор мешавад, бори аввал берун аз варзишгоҳ, атрофи манораи Эйфел ва паради ҳайатҳо тариқи қаиқ кад-кади дарёи Сена доир мегардад. Масири шашкилометрии парад намоишҳои фарҳангӣ ва манзараҳои ёдгориҳои Парижро дар бар мегирад.

ФУТБОЛ

# ИСПАНИЯ ҚАҲРАМОНИ АВРУПО-2024

**Тими миллии Испания, ки дар бозии ниҳоии мусобиқоти қаҳрамонии футболи Аврупо дар Олмон мунтахаби Англияро бо ҳисоби 2:1 шикаст дод, бори чаҳорум ба унвони қаҳрамонӣ даст ёфта, бо медалҳои тило сарфароз гардид.**



Бозии ниҳоии қаҳрамонии Аврупо-2024 миёни тимҳои миллии Испания ва Англия шаби 14-уми июл дар варзишгоҳи Олимпии шаҳри Берлин баргузор шуд. Голҳои дастаи ғолибро Нико Уилямс (дақиқаи 47-ум) ва Микел Оярсабал (87) заданд. Голи инглисҳо ба Коул Палмер (73) мутааллиқ аст.

Мунтахаби Испания бори чаҳорум қаҳрамони Аврупо шуда, рекорд гузошт. Аз ин пеш испаниҳо солҳои 1964, 2008 ва 2012 медалҳои тилои ин мусобиқоти бузургтарини қораи Аврупоро ба даст оварда буданд. Инчунин мунтахаби Испания як бор (1984) медалҳои нуқра гирифтааст.

Инглисҳо, ки бори дувум пайиҳам дар финали қаҳрамонии Аврупо иштирок карданд, боз ноком шуданд.

ТРАНСФЕР

# АЗ “ДИНАМО” БА “ВАХШ”



**Футболбози мунтахаби Тоҷикистон ва тими “Динамо”-и Тифлис (Гурҷистон) Алишер Шукуров тариқи иҷора ба дастаи футболи “Вахш”-и Бохтар гузашт.**

Директори варзишии тим Муҳсин Муҳаммадалиев расман хабар дод, ки акнун ӯ муддати 6 моҳи оянда дар”Вахш” бозӣ хоҳад кард.

Айни замон Алишер ҳамроҳи дастаи “Вахш” дар мавзеи Сафед-Дара ҷиҳати омодагӣ ба бозиҳои даври дуюми чемпионат ва Ҷоми кишвар машқҳои назарияву ҷисмонӣ мегузаронад.

Ёдрас мекунем, ки аввали мавсим Шукуров бо яке аз дастаҳои маъруфи Гурҷистон - “Динамо”-и Тифлис ба муҳлати ду сол қарордод ба имзо расонид.

Дар тими мунтахаби Тоҷикистон Шукуров 6 бозӣ гузаронидааст. Дар Ҷоми футболи Осиё дар Қатар Алишер ҳамаи 5 вохӯрӣ дар маҷмӯъ 459 дақиқа бозӣ кард. Ин футболбозро коршиносон ва мухлисон чеҳраи наву ояндадор дар мунтахаби Тоҷикистон номиданд.

ГӮШТИН

# ГӮШТИНГИРОНИ ТОҶИК ДАР РАДАБАНДИИ ҶАҲОНӢ

**Созмони ҷаҳонии гӯштин (United World Wrestling, UWW) радабандӣ (рейтинг)-и навшудаи гӯштингирони тарзи озод ва юнонию румиро нашр кард, ки дар он намояндагони Тоҷикистон низ қарор доранд.**

Рӯйхати UWW бо назардошти натиҷаҳои мусобиқаҳои байналмилалӣ тайи моҳҳои охир таҳия шудааст. Дар навбати аввал, натиҷаҳои баланди чемпионатҳои қоравӣ ва мусобиқаҳои силсилаи Гран-при ба инобат гирифта шудаанд. Дар ҳар як вазн 30-70-нафарӣ шомил шудаанд.

Дар радабандии ҷаҳонӣ миёни тоҷикистониён дар гӯштини тарзи озод Ҷамшед Шарипов дар вазни 61 кг зинаи 32-юмро ишғол мекунад. Дар вазни 65 кг Абдулмаҷид Кудиев дар зинаи 13-ум қарор дорад.

Дар вазни 70 кг Мустафо Ахмедов дар зинаи 17-ум, дар вазни 74 кг Виктор Рассадин - 28-ум ва дар вазни 79 кг Магомед Евлоев дар зинаи 25-ум ҷой гирифтаанд.

Дар гӯштини тарзи юнонию румӣ дар вазни 60 кг Асламҷон Азизов дар зинаи 31-ум, дар взани 67 кг Фирӯз Мирзораҷабов дар зинаи 41-ум ва дар вазни 87 кг Сухроб Абдулҳаев дар мақоми 56-ум қарор гирифтаанд.

## РЕЗААХБОР

Тими миллии футболи Аргентина, ки дар бозии ниҳоӣ мунтахаби Колумбияро бо ҳисоби 1:0 шикаст дод, бори шонздаҳум барандаи Ҷоми Амрико гардид. Бозии ниҳоии Ҷоми Амрико-2024 миёни тимҳои миллии Аргентина ва Колумбия 15-уми июл дар варзишгоҳи “Ҳард Рок”-и шаҳри Майамии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико доир шуд. Голи ягонаро Лаутаро Мартинеси аргентинӣ дар замони изофа, дар дақиқаи 112-уми бозӣ ба самар расонид. Ҳамин тариқ, мунтахаби Аргентина бори дувум пайиҳам ва маротибаи шонздаҳум барандаи Ҷоми Амрико шуд, ки ин рекорди нав аст.



***

Дар робита ба ҷароҳат бардоштан, намояндаи Тоҷикистон дар рақобати нимфиналӣ дар вазни сабуктарин муқобили чемпион Курбан Гаджиев (19-3) аз Русия иштирок намекунад. Дар ин бора Лигаи АСА хабар медиҳад. Худи Ғаффоров аз иштирок накарданаш дар қувваозмоӣ изҳори таассуф намуда, лекин гуфтааст, ки ҳамааш ҳоло дар пеш аст. Ғаффоров изҳори хушнудӣ намудааст, ки ба ҷойи ӯ дар қувваозмоӣ ҳамдаста ва ҳамдиёраш ба майдон мебарояд ва мухлисонро ба дастгирӣ даъват кардааст. Ба ҷойи Ғаффоров размикори ҷавони тоҷик Анис Ёқубов (8-1) рақобат мекунад. Ӯ силсилаи иборат аз 3 ғалаба дар раунди якум дорад. Ба ғолиби финали Гран-прии АСА 1 млн доллар мукофотпулӣ тақдим мешавад.

***

Ҳамлагари фаронсавӣ Килиан Мбаппе бо дастаи «Реал Мадрид» қарордоди ҳамкорӣ ба тасвиб расонид. Маросим, ки дар он худи футболбоз ва президенти бошгоҳи шаҳри Мадрид Флорентино Перес ширкат доштанд, дар варзишгоҳи “Сантяго Бернабеу” баргузор шуд. Пас аз ин, Мбаппе бо пироҳани рақами 9 дар назди ҷоизаҳои бошгоҳи шоҳона акс гирифт. Маросими муаррифии ҳамлагари фаронсавӣ чанд лаҳза дар варзишгоҳи хонагии тими “Реал Мадрид” баргузор мешавад. Маоши Мбаппе дар як сол 30 миллион евро ва иловапулӣ барои голҳои задашуда хоҳад буд.

# МАДРАСА ДАР ХОРИҶА

## Боздошти “муаллимон”-и тоҷик дар Русия ва Қирғизистон

**Ҳафтаи охир мақомоти интизомии Русия ва Қирғизистон аз боздошти шаҳрвандони Тоҷикистон хабар додаанд, ки зоҳиран машғули “сабақи исломӣ додан” ба кӯдакону наврасон будаанд.**



### Шиканҷаи 16 кӯдак

Шуъбаи Кумитаи тафтишотии Русия дар Ҷумҳурии Бошқирдистон рӯзи 12-уми июл дар як баёнияи расмӣ гуфт, ки ду нафарро барои азоб додан ва ғайриқонунӣ нигоҳ доштани 16 наврас ва кӯдаки аз 4 то 16-сола дастгир кардаанд.

Дар баёния омадааст: “Шонздаҳ ноболиғи аз 4 то 16-сола, ки қисме аз онҳо шаҳрвандони Тоҷикистон ҳастанд, муддати дарозе дар як хонаи иҷора нигоҳ дошта мешуданд ва нисбат ба онҳо шеваҳои ғайриқонунии тарбия, аз ҷумла муносибати берахмонаву заданро раво медиданд. Яке аз наврасон аз хона гурехта ва барои кумак ба мағозаи наздиктарин муроҷиат кардааст”.

Ба гуфтаи мақомот, баъди муроҷиати кӯдак шаби 12-уми июл мақомоти интизомӣ ба он хона рафта ва ду шаҳрванди Тоҷикистонро дастгир ва “кӯдаконро озод кардаанд”.

### Мадрасаи ғайриқонунӣ

Кумитаи давлатии амнияти миллии Қирғизистон ҳам аз боздошти як шаҳрванди тоҷиктабори ин кишвар хабар дод, ки ба қавли ин ниҳод, як мадрасаи ғайрирасмии диниро ташкил кардааст.

Марди 32-солае, ки аз ӯ А. А. ном бурда шудааст, он муттаҳам мешавад, ки хилоф бо қонунҳои Қирғизистон ба кӯдакону наврасон таълимоти динӣ пешниҳод кардааст. Назари марди дастгиршуда дар ин бора маълум нест.

Дар изҳороти Кумитаи амният, ки онро чанд расонаи Қирғизистон чоп кардаанд, гуфта мешавад, ки далели баста шудани урдугоҳ «вайрон кардани муқаррароти санитарию эпидемиологӣ ва барномаҳои таълимию тарбиявӣ мебошад».

Дар хабарномаи расмӣ омадааст, ки дар ин мадраса 110 писар ва духтарони аз 6 то 17-сола таълими динӣ мегирифтаанд.

Феълан, аз болои боздоштшудагон тафтишот идома дорад.

# 22 СОЛ ҲАБС БАРОИ СӮИҚАСД БА ҶОНИ ҲАМСОЯ

**Суди ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон Абдумумин Ҷӯрақулзодаи 29-соларо ба 22 соли зиндони низомаш шадид маҳкум кард. Ӯ дар содир намудани ҷиноятҳои сӯиқасд ба куштор ва роҳзанӣ (тамаъҷӯӣ) гунаҳкор эътироф шуд.**

Гуфта мешавад, ки Ҷӯрақулзода шаби 14 ба 15-уми декабри соли гузашта ба ҳамсояи худ дарафтодааст. “Ҷӯрақулзода бо ниқоб ва корд ба хонаи ҳамсояи худ Абдурасул Усанов ворид шуа, 500 ҳазор сомонӣ пул талаб кардааст. Вақте соҳибхона ин талабашро иҷро накарда, бо ӯ ҷанҷол мекунад, муяссар мешавад, ки ниқобро кашад ва Абдулмумин Ҷӯрақуловро шиносад”.



Барои пинҳон кардани ҷинояти худ Ҷӯрақулзода ба ҷисми Усанов бо корд якчанд зарба мезанад. Пас аз ин ҷинояткор хаёл мекунад, ки Усанов ҳалок шудааст ва аз ин рӯ, аз ҷойи ҳодиса ғайб мезанад. Лекин ҷабрдида дар беморхона бистарӣ шуда, табибон ҳаёти ӯро наҷот доданд.

# РАИСИ СУД ЧАРО САРБОЗРО ЛАТУКӮБ КАРД?

**Суди Олии Тоҷикистон рафтори раиси Суди ноҳияи Шамсиддини Шоҳинро таҳқиқ дорад, ки ба латукӯби як сарбози нерӯҳои марзбонӣ дар марз бо Афғонистон гумонбар мешавад.**

Зоҳир Муминзода, раиси Суди ноҳияи Шамсиддини Шоҳин ба он гумонбар аст, ки 8-уми июл як сарбози нерӯҳои марзбониро дар гузаргоҳи назорати “Дараи об” (барои пурсидани ҳуҷҷати тасдиқкунанда) бо мушт задааст. Назари Муминзода ба ин ҳодиса дастрас нест.

Додрасо аз ҳақи дахлнопазирӣ бархӯрдоранд ва ба гуфтаи як манбаи Радиои Озодӣ дар Суди вилояти Хатлон, ҳоло Суди Олӣ таҳқиқоти дохилӣ анҷом медиҳад ва агар гуноҳи ӯ собит шавад, исмашро барои барканорӣ ба президент пешниҳод мекунанд. Дар ин сурат, имкон дорад, ки додситонӣ парвандаи ӯро таҳқиқ кунад.

# ИСРОФКОРӢ ВА ХУДНАМОИШДИҲӢ

## Ҷаримаи оилаи сарояндаи маъруф ва генерали шинохта

**Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими Тоҷикистон рӯзи 16-уми июли соли 2024 бо нашри як вокуниши расмӣ хабар дод, ки Рӯзигул Ёраҳмадова, духтари калонии овозхони маъруф Сурайё Қосимова барои вайрон кардани қонуни танзим ва роҳ додан ба “исрофкорӣ ва худнамоишдиҳӣ” дар маросими хонадоршавии писараш барои “суҳбат бо намояндаи мақоми ваколатдор” даъват карда шуд.**




Кумитаи дин ёдовар шуд, ки қудошавандаи Рӯзигул Ёраҳмадова низ барои вайрон кардани қонуни танзим ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудааст.

Раёсати корҳои дохилии шаҳри Душанбе рӯзи 15-уми июли соли 2024 дар саҳифааш дар «Фейсбук» хабар дод, ки шаҳрванд Ширинзода Раҷабалӣ Камол, сокини 66-солаи кӯчаи Носири Хусрави пойтахтро барои баргузории маъракаи пурдабдаба дар фотиҳатӯйи духтараш протокол кардаанд. Сухан дар бораи генерали як замон пурнуфуз Раҷаби Ширин меравад, ки дар замонаш сардори пулиси андози Тоҷикистон ва баъдан то соли 2015 муовини раҳбари Агентии мубориза бо коррупсия буд.

Баъдан маълум шуд, ки генерал Раҷаби Ширин бо духтари калонии Сурайёи Қосим қудо шудааст. Чунин ба назар мерасад, ки мақомот дар мавриди духтари Сурайёи Қосим танҳо бо “суҳбат” иктифо кардаанд, вале ба қудои ӯ Раҷабалӣ Ширинзода ҷарима ба андозаи 120 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне 8 ҳазору 640 сомонӣ, ё наздики 800 доллар таҳдид мекунад.



**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон хабари пардохти 2500 сомонӣ кумакпулӣ ба нафарони миёни солҳои 1994-2024 коркардаро рад намуд ва гуфт, ин асоси воқеӣ надорад.**

Вақтҳои охир шаҳрвандони кишвар дар шабакаҳои иҷтимоӣ паёмҳое мегиранд, ки гӯё Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ба нафарони миёни солҳои 1994-2024 коркарда дар ҳаҷми 2500 сомонӣ кумакпулӣ медиҳад. Вазорат ин хабарро фейк хонд. “Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ аз шаҳрвандон хоҳиш мекунад, ки ба ин гуна паёмҳо бовар накунанд ва ба пайванду файлҳои нафари бегона ирсолнамуда ворид нашаванд”,- навишт ин ниҳод.




**Суди вилояти Хатлон ду сокини ноҳияи Ёвонро дар ғорат ва қатли ду сокини ноҳияи Куйбишев (ҳозира Абдураҳмони Ҷомӣ) дар солҳои 1992-1993 гунаҳкор дониста, равонаи зиндони низомаш сахт кард.**

Сокинони ноҳияи Ёвон - Нурилло Рустамови 55-сола ва Ҳакимҷон Эмомови 52-сола давоми солҳои 1992-1993 дар ҳайати гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ Барҳон Саодатовро ғорат кардаанд ва Азизбек Додовро ба қатл расонидаанд. Ҳардуи ҷабрдидагон сокинони ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ будаанд. Пас аз 32 сол аз ин ҷиноят, муҷримон боздошт ва ба муҳлати 13 сол равонаи зиндон шуданд.



**Бар зидди котиби маҷлиси судии Суди вилояти Хатлон ва ёрдамчии раиси суди мазкур барои гирифтани 160 ҳазор сомонӣ парвандаи ҷиноятӣ боз шудааст. Дар ин бора Агентии мубориза бо фасод хабар медиҳад.**

Ба иттилои ин ниҳод, С.М., котиби маҷлиси судии Додгоҳи вилояти Хатлон бо ёрдамчии раиси ҳамин суд А. А. бо маслиҳати пешакӣ ба боварии шаҳрванд Х. Ю. даромада, аз номбурда барои аз адои минбаъдаи ҷазо озод намудани бародараш, ки бо ҳукми додгоҳ барои содир намудани ҷинояти вазнин аз озодӣ маҳрум гашта будааст, 160 ҳазор сомонӣ гирифтаанд. Айни ҳол нисбати ин ду нафар бо моддаи 247, қисми 4, банди “б” Кодекси ҷиноятӣ парванда боз шудааст.

# 5 МЕВАИ МУФИД БАРОИ КӮДАКОН

**Барои он ки кӯдак хуб рушд кунад, барои организмаш витамину минералҳои зиёде лозиманд. Қисми зиёди ин витамину минералҳо маҳз дар таркиби меваю сабзавот мавҷуданд. Ҳоло ки фасли тобистон аст, аксари меваҳо пухта расидаанд. Бинобар ин, бачаҳо бояд ҳарчи бештар меваю сабзавоти тару тоза хӯранд. Мо ба шумо дар бораи фоидаи баъзе меваҳо ба кӯдакон маълумот медиҳем.**



### Себ

Себ аз витаминҳои гурӯҳи В ва С бой аст. Бар замми ин, дар таркибаш пектин ва клетчатка дорад. Туфайли ҳамин хусусиятҳои муфидаш себ моддаҳои зарароварро аз организми инсон бароварда, барои кори бонизоми меъдаву рӯда кумак мерасонад. Себ иштиҳоро мекушояд. Хӯрдани себ махсусан ба кӯдакон фоидаи бисёр дорад. Дар пӯсти себ моддаҳое мавҷуданд, ки барои ба осонӣ дандон баровардани кӯдак ёрӣ мерасонанд. Ба модарон тавсия медиҳем, ки вақте тифлакашон ба дандонбарорӣ сар кард, себро бо пӯсташ қимма карда ба кӯдак диҳанд.

### Банан

Меваи аз ҳама безарар ва фоиданок банан мебошад. Онро ҳатто ба кӯдакони ширмак низ додан мумкин аст. Банан аз оҳан, магний, калий бой буда, асабро ором месозад ва ба кӯдак шодию нишот мебахшад. Олимон исбот намудаанд, ки хӯрдани банан ба коркарди эндорфин дар ҷисми кӯдакон ёрӣ мерасонад. Фақат ба кӯдаконе, ки фарбеҳанд, камтар банан додан лозим аст.

### Афлесун

Афлесун (апелсин) барои пурқувват шудани системаи муҳофизатии организми кӯдак, яъне иммунитет ёрӣ мерасонад. Ин меваи хушбӯй ва лазиз авитаминозро бартараф намуда, дар мубориза бо бемориҳои сироятӣ сипари фарзанди шумо хоҳад гашт. Фақат онро хеле эҳтиёткорона ба бачаҳои хурдсол додан лозим аст, чунки аксари кӯдакон ба меваҳои ситрусӣ, аз ҷумла ба апелсин ҳассосият - аллергия доранд.

### Нок

Таркиби нок аз витаминҳои гурӯҳи В, кислотаи аскорбин, калтсий, натрий ва оҳан бой буда, бар замми ин, клетчатка дорад. Бо шарофати ҳамин моддаҳои муфидаш хӯрдани нок ба кори бонизоми меъда ёрӣ мерасонад. Шумо метавонед нокро шуста ба фарзандонатон диҳед ё аз он компот ва сок тайёр кунед.

### Зардолу

Дар байни мардум ақидае вуҷуд дорад, ки ба кӯдакон ба ҳеҷ ваҷҳ зардолу додан мумкин нест, чунки шикамрав мекунад, вале дар асл ин меваи бомазза аз пектин ва фосфор бой аст. Туфайли ҳамин моддаҳо зардолу ба ҷараёни регенератсияи ҳуҷайраҳо ёрӣ расонида, кори ғадуди зери меъдаро ба низом медарорад ва иммунитетро пурқувват месозад.

### Таъкид:

*- дар додани мевағӣ ба тифлакони то яксола бояд хеле эҳтиёт намуд, чунки баъзе меваҳо боиси шикамравӣ шуда метавонад;*

*- назорат кунед, ки кӯдакон меваҳоро шуста истеъмол кунанд, то ки захролуд нашаванд.*

## 5 МАНФИАТИ ШИНОВАРӢ

*1. Оризаи байни дискҳои сутунмуҳраро шифо мебахшад.*

*2. Бемориҳои буғумҳоро табобат мекунад.*

*3. Ҳаракатҳои нарм дар об бофтаҳои пеш аз буғумро масҳ мекунанд. Он ҷараёни лимфаро беҳтар карда, варами буғумҳоро коҳиш медиҳад. Бозсозии бофтаҳоро таъмин ва мушакҳои осебдидаро ором мекунад.*

*4. Асабониятро шифо мебахшад.*

*5. Дар зери таъсири ҳарорати об равандҳои ҳаяҷонбахши системаи асабро танзим мекунад. Аз ин рӯ, гардиши хун дар майна беҳтар мешавад. Хастагӣ бартараф шуда, хотира ва диққат беҳтар мегардад.*



МАСЛИҲАТ

## ФОИДАИ ХОБ БА КОРИ ДИЛ

**Бисёриҳо чунин мешуморанд, ки барои дил дар ҳолати муайян хоб рафтан беҳтар аст. Оё ҳамин тавр аст?**

Одами солим метавонад дар ҳама ҳолат бароҳат хоб кунад. Аксар вақт кӯдакон бо шикам, калонсолон якпаҳлу ё ба пушт хоб мераванд. Ин ба тағйироти марбут ба синну сол дар системаи мушаки устухон вобаста аст. Чандирии сутунмуҳра гум мешавад, бардошти сина дар вақтҳои нафаскашӣ мушкилтар мегардад. Баъзеҳо, дар мавқеъҳои муайян, «таппиши дил»-ро дар қафаси сина ҳис мекунанд.

Масалан, ба одамони гирифтори бемории дил назар ба паҳлуи чап ва ба пушт бо паҳлуи рост хоб кардан тавсия карда мешавад.

**Зеро:**

*- камшавии сарборӣ ба меъдаҳои дил;*

*- кам шудани фишори капиллярии шуш ва вена ба назар мерасад;*

*- коҳиши бозгашти вена ба дил;*

*- паст шудани оҳанги системаи асабҳои симпатикӣ ва дар натиҷа коҳиши набз ва паст шудани фишори хун;*

*- фраксияи партофтан беҳтар мешавад;*

*- паст шудани шиддати апноэи хоб (нафаскашӣ ҳангоми хоб қатъ мешавад);*

*- аммо, сарфи назар аз ин агар шумо бо паҳлуи чап, пушт ё шикам хобатон бароҳат бошад, дар ҳама ҳолат бихобед, зеро чизи асосӣ хоб аст.*

## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Дар ин рӯзҳо аз норасоии пул азият мекашед. Ба хотири пулкоркунӣ ба ҳар кори пешомада даст назанед, дар акси ҳол вақти худро беҳуда мегузаронед. Агар шитоб накунед, кори беҳтар пайдо карда метавонед. Дар ҷодаи муҳаббат ба тағйироти ҷиддӣ умед набандед.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Вақте расидааст, ки дар ҳама кор ташаббус нишон диҳед. Барои он ки уҳдадориҳоятон аз ҳад зиёд шуда, сарҳисоби корро гум накунед, шарм надошта, аз дӯстону ҳамкорон кумак пурсидан гиред. Ишқи нав боиси руҳафтодагиятон мегардад.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Бо коре машғул шавед, ки боиси беҳтар гаштани ҳолати руҳиятон гардад. Метавонед бо йога, гулдӯзӣ, шоҳмотбозӣ ва варзиш машғул шавед. Бо ин роҳ метавонед зиндагии худро тағйир диҳед. Дар оилаатон оромӣ ҳукмрон мегардад, ба камбудиҳо диққат надиҳед.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Ҷустуҷӯ намудани ҷойи кор нав натиҷаи хуб медиҳад, кори маошаш хубу табъи дил пайдо карда метавонед. Ҳама гуна тағйирот ба фоидаи кор аст, табъатон болида мегардад. Муҳим он аст, ки дар ҳама кор масъулиятшинос бошеду аз дигарон талаби зиёд накунед.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Шитобкорӣ ба саратон ташвишу ногувориҳои зиёдеро меорад. Аз ин рӯ, дар ягон кор саросема нашавед. Дар муносибатҳои ошиқона ҳамдигарфаҳмӣ дида мешавад. Машқҳои ҷисмонӣ ба ҳолати саломатиятон таъсири мусбат мерасонанд.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Ҳар қадаре андеша намуда, рафтор намоед, ҳамон андоза натиҷааш мусбат мешавад. Ягон чизро куллан тағйир додан лозим нест, бигзор ҳама чиз мураттаб бошад. Агар муҷаррад бошед, мулоқоти ошиқона бо нафаре имкон дорад, ки то ба ҳол ӯро намешинохтед.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Тамоми корҳоятонро як сӯ гузошта, бо шуғли дӯстдоштаи худ машғул шавед. Хушбахтона, дар ин рӯзҳо касе ба шумо эрод намегирад. Дар муносибатҳои оилавиятон ҳамдигарфаҳмӣ дида мешавад. Баъзехо мукофоти пулӣ гирифта, болидарух мегарданд.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Сафару саёҳатро ба нақша нагиред, нохушиву ҳодисаҳои ногувор дар сафар зиёд мегардад. Дар ин ҳафта ҳалли масъалаҳои ҳуқуқиро ба таъхир гузоред. Агар бо ошиқи худ қаҳрӣ бошед, вақте расидааст, ки хафагиҳоро фаромӯш кунед.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Барои он ки дар касбу кор муваффақ гардед, танҳо ба шарикони санҷидашудаи корӣ бовар кунед. Дар ҷодаи муҳаббат давраи мунокишаву нофаҳмиҳо фаро мерасад. Дарди сар азият медиҳад, вақте расидааст, ки истироҳат кунед.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Ҳафтаи бобарор аст, вале дар баробари ин, душману бадхоҳони нав пайдо карданатон имконпазир аст. Ба хотири ба даст овардани кори сердаромад, мубориза бурданатон лозим меояд. Муҳим он аст, ки руҳафтода нашаведу маблағи худро беҳуда сарф накунед.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Барои он ки нақшаву ниятҳоятонро амалӣ созед, бояд кори саркардаро ба анҷом расонед. Агар танбалӣ кунеду корҳоятонро ба таъхир гузоред, нафаре аз таги биниятон нони даҳонатонро кашида мегирад. Бо дӯстдоштаатон мунокиша накунед.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Ба назди конатон кумаки шумо лозим мешавад. Ягон лаҳза фикр накарда, барои саломатии нафароне, ки бароятон азизанд, вақту имкониятро дареғ надоред. Агар мақсаду нияти дӯстдоштаи худро фаҳмидан хоҳед, бояд самимона гуфтугӯ намоед.

### БА МУНОСИБАТИ 70-СОЛАГИИ НАВИСАНДА

# ДОСТОНИ ШЕРИ ҒАЗЗАҒӢ ВА БАҲМАНЁР

(Идома аз шумораи гузашта)



Бояд бигӯям, ки дар Иттифоқи нависандагон Баҳманёр ягона шахсе буд, ки аз хама пеш, расо соати ҳафти субҳ ба кор ҳозир мешуд ва дар тӯли панҷ соат ҳамаи корҳои ҳамонрӯзаро ба таври аҳсан анҷом дода, соати дувоздаҳ тарки корхона мекард.

Ман ки ин хислати Баҳманёрро медонистам, ҳамон рӯзи душанбе тақрибан соати ҳафту понздаҳ дақиқа ба ҳуҷраи кориаш ҳозир шудам. Ӯ масруфи таҳрир буд. Пас аз адои аҳволпурсӣ гуфтам:

- Маълум, ки қисса хушатон наомад?

- Не, барьакс бисёр хушам омад, ба хотири он ки сиҳатиам чандон хуб нест у дарди мафосил (бемории бандҳои устухон) сахт азиятам дода, ба қалбам фишор меорад, суханро ба дарозо накашидам. Қиссаро пурра хондам, баъзе калимаю ибораро, аз қабили қасос, тило, ки бо як "с" ва як "л" навишта мешаванд, ислоҳ кардам. Ҳамчунин дар иртибот бо Шери Ғаззағӣ, як байтро, ки аз модарам шунида будам, илова намудам,- гуфт Баҳманёр.

Чун мавриди мувофиқ аст ва шояд хонанда ҳам шавқманди воқиф шудан аз корномаи Шери Ғаззағӣ бошад, пораеро аз қиссаи таърихии "Волии Киштӯд", ки ба тағои модари Баҳманёр рабт дорад, манзури хонанда мекунам, ки воқеан ҳам ҷолиб ва ибратомӯз аст:

Азбаски Мирзо Ниёзи Конҷӣ (1870-1908) пас аз волӣ шудан ба ибтикорҳои бузурги хушоянд даст зад, эътиқоди мардуми дараи Киштӯд ба ӯ афзуд. Боре ба наздаш бо шикоят омаданд, ки заминҳои лалмӣ ва чарогоҳҳои мо дар дасти туркҳост. Оё имкон дорад, ки заминҳои худро бозпас бигирем?

Гап сари он аст, ки то замони ба вазифаи волӣ таъйин шудани Мирзо Ниёз ин мансаби олиро аксар вақт туркон соҳибӣ мекарданд. Ва ҳамин тоифаи бодиянишин, ки ба водиҳои обод рехта буданд, мардуми бумиро ба кӯҳу дараҳо ронда, аз Ғӯсар то Зериҳисор ҳамаи заминҳоро соҳиб шуда буданд. Дар ин замина ишғолшуда, тавре ки Абдураҳмони Мустаҷир ҳам дар "Рӯзномаи сафари Искандаркӯл" ишора кардааст, "ҷамоаи туркияи барлос миқдори понсад хонавор аз дашти Ғӯсар кӯчида, дар тобистон омада, гӯсфандбонӣ мекардаанд".

Дар он айём ҳарчанд Ғӯсар расман ба таркиби кенти Киштӯд ворид буд, амалан туркҳо то замони волӣ шудани Ниёзи Конҷӣ ба волии кент итоат намекарданд. Чаро ки онҳо ҳамаи заминҳои ишғолнамудаашонро васиқа карда буданд.

Мирзо Ниёз борҳо барои ба итоат даровардани онҳо бикӯшид, вале муваффақ нашуд. Чунки туркҳо ҳамеша васиқаи амири Бухороро дастак карда, аз пардохти молиёт саркашӣ менамуданд.

Ҳарчанд замона тағйир ёфта, вилояти Панҷакенту кентҳои он, аз ҷумла Киштӯд ҳам дигар ба Аморати Бухоро тобеъ набуд, васиқаҳои даврони амирони Бухороро ҳеҷ кас ҳуқуқи лағв кардан надошт, илло худи амир.

Чун мардуми дараи Киштӯд дар бораи бозпас гирифтани заминҳояшон ба Ниёз шикоят карданд, ӯ ба андеша рафту баъд аз лаҳзае гуфт:

- Кори басе сангин, ҳатто имконнопазир аст. Лек ман фикр мекунам, ки чӣ метавон кард...

Рӯзе аз рӯзҳо Мирзо Ниёз савори аспи саманд, тани танҳо деҳ ба деҳ гашт. Он рӯз ғайримунтазира вай фақат дороёни дараро хабар гирифту бас. Мардум ба ҳайрат афтоданд, ки чаро волӣ, ки бо сарватмандон ҳамеша дар рақобат аст, меҳмони онҳо мешавад? Ин чӣ сирре ниҳон буд. Мирзо Ниёз намехост, ки он чӣ дар фикри ӯст, овоза шавад. Бадин хотир ӯ он рӯз ҳатто муҳофизонашро низ бо худ набурд. Волӣ қаблан амиқ андешида буд, ки заминҳои ғасбшударо чӣ тавр аз дасти туркон бозпас бигирад. Воқеан ҳам ин корест басо мушкил, зеро барои бозпас гирифтани заминҳои мазбур, васиқаи қаблӣ бояд лағв шавад. Барои лағв кардани васиқаи қаблӣ тангаи тилою нуқраи ҳангуфте лозим буд. Тангаи тило пули он айём маҳсуб мешуд.

Тавре муаррих Намоз Ҳотамов нигоштааст, "то замони Шӯравӣ дар Осиёи Миёна, махсусан дар Аморати Бухоро пулҳо чунин ном доштанд: тангаи тило - "тило", тангаи нуқра - "танга" ва тангаи мисӣ - "пул" номида мешуданд. Аз ин рӯ тангаҳоро мувофиқи шумораашон: "як тило", "ду танга", "се пул" мегуфтанд ва онҳо дар ҳуҷҷатҳои ҳамонвақта низ ҳамин тавр вомехӯрданд".

Маълум ки дар он айём Мирзо Ниёз натанҳо тангаи тило, балки нуқраю мисӣ ҳам надошт. Аз ҳамин хотир ӯ меҳмони дороёни дараи Киштӯд шуд.

Вале пас аз муддате ин сирри Ниёз ошкор гашт. Бойҳои хабис овоза карданд, ки волӣ ба хотири ришва додан ба амир тангаю тилои бухороӣ ҷамъ кард - ришва ба хотири гирифтани васиқаи нав.

Ин овоза ба гӯши туркон, ки ҳамеша бо бойҳои маҳаллӣ дар иртибот буданд, расид.

Ниёз тангаю тилои заруриро ба қадри кофӣ захира карда буд. Акнун бояд марди далеру шуҷоъеро аз Некнот ва ё Зериҳисору Кулолӣ пайдо менамуд, ки тангаю тилоҳоро ба Бухоро бубарад.

Вале чун Ниёз хабар ёфт, ки овозаи тилоҷамъкунии ӯ ба гӯши туркон расидааст, нақшаашро тағйир дод. Ӯ ба хулосае омад, ки ба хотири гӯл задани туркон бояд марди ҷасуртареро аз деҳоти дурдаст пайдо бикунад.

Баъди мулоҳизаҳои зиёд ба хулосае меояд, ки ғайр аз Шери Ғаззағӣ дигаре чунин ҷуръатро надорад. Зеро ӯро қаблан дидаю санҷида буд.

Шер бар замми ҷавонмарди ҳузарбу далер ва ботадбир будан, дорои дили пок низ буд. Чунин амалиёти хатарнокро танҳо покнажоде, ки хурмуздтинатанд, анҷом дода метавонанд. Вагарна, нопоки аҳримантабор ҳамаи тангаю тилоро гирифта, фирор карданаш аз эҳтимол дур нест.

Шер писари Ортиқи Ғаззағӣ буд, ки аксар заминҳои деҳа ба падараш тааллуқ доштанду пас аз Инқилоби Октябр ҳамаи ин заминҳоро колхоз соҳибӣ кард.

Шер пешниҳоди волиро пазируфт, вале на бо асп, балки бо маркаб сафар карданро афзал донист. Ӯ тангаю тилоҳоро ба ду гӯшаи хӯрҷин ҷой ва болои онро аз қуруту ғӯлинг пур кард. Ин корро ба он хотир кард, ки агар мабодо дар роҳ туркон фаҳманду бипурсанд, ки озими куҷост, посух хоҳад дод, ки ба шаҳри Самарқанд, ба аёдати хешовандон меравад.

Воқеан ҳам Шер турконро ғофилгир карда, аз нозироне, ки онҳо дар роҳҳо гузошта буданд, бемалол гузашта, ба Бухоро мерасад.

Дар Бухоро Шер шахсеро, ки бояд восита мешуд, пайдо ва тангаю тилоҳоро ба ӯ таслим бикард.

Пас аз муддате Шер бо имзо ва муҳри амири Бухоро Абдуаҳадхон васиқаи навро ба даст биоварду озими Киштӯд шуд.

Пас аз як ҳафтаи сафар туркҳо хабардор мешаванд, ки ба хотири ба даст овардани васиқаи нав Шери Ғаззағӣ ба Бухоро рафта. Бинобар ин бозгашташро сахт интизор буданд, то ки ӯро дастгир карда, мурдакӯб бикунанду васиқаи навро аз байн бибаранд. Аз ин хотир туркон дар ҳар пайраҳаю пул қаровул гузоштанд.

Бо амри тасодуф дар роҳи бозгашт Шер аз ин қазия огаҳӣ ёфт.

Сахт ошуфта бишуд, ки заҳмати кашидааш барбод меравад. Аз маркаб поён омад ва рӯи саҳрае биншаст, то тадбире биҷӯяд.

Ба андеша фурӯ рафт. Вале илоҷи корро намеёфт. Аз болои саҳра ба поён бингарист. Чашмаш ба пари уқобе афтод. Дар ҳамин лаҳза фикре ба сараш зад ва найранге бисохт. Пари уқобро бигирифту тоза бикард ва васиқаро андаруни он гузошт ва парро ба рӯдаи қафояш бизад ва ба роҳи худ идома дод.

Ба дашти Ғӯсар нарасида, ба чанги туркон афтод. Ӯро луб-лӯчи модарзод мекунанд, вале васиқаро пайд карда наметавонанд. Ба суоли васиқа куҷост, Шер посух медиҳад, ки амир мувофиқа накард. Аз ин посух бодиянишинон хуш мешаванд ва Шерро масхара мекунанд, ки:

- Тоҷики пойлуч кучою васиқаи амирӣ куҷо!

Бо ҳамин ҳила Шер васиқаро ба волӣ мерасонад.

Мирзо Ниёз бо васиқа шинос шуда, афсӯс меҳӯрад, ки дар он ҳамаи заминҳо пурра сабт нашудааанд. Фақат аз Варзиканда боло васиқа шудааст у халос.

Бояд тазаккур дод, ки дар он айём кенти Киштӯд ҷамоатҳои деҳоти Оғилак (дар даврони Шӯравӣ Ғӯсар, пасонтар Колхозчиён ва ҳоло ба номи Лоиқ Шералӣ), Киштӯд (ҳоло ба номи Рӯдакӣ) ва Ворӯро дар бар мегирифт.

Вале волии ҷавон дар дил хурсанд буд, ки ин ҳам пирӯзӣ аст. Зеро дар чанд сад соли охир бори аввал ба тоҷик муяссар шуд, ки порае аз заминҳои ғасбшудаашро аз ишғолгарон бозпас бигирад.

Субҳи рӯзи дигар волӣ ҳамроҳи муҳофизонаш роҳи Ғӯсарро пеш мегирад. Ба хонаи сардори туркон рафта, ба ӯ васиқаро нишон дода, мегӯяд, ки аз ҳамин лаҳза дигар аз Варзиканда боло як ваҷаб замин ҳам ба ту тааллуқ надорад.

(Давомаш дар саҳ.15)

## МАВЛУДНОМА

**• 19 ИЮЛ •**

**Абдумалик Раҳмонов** (1949), 75-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Имомиддин Ҷабборов** (1929), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи география.

**Улмаси Хол** (1954), 70-солагии зодрӯзи шоир, нависанда, драматург.

**Мавлуда Ҳошимова** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Саидшамсиддини Маҷрӯҳ** (1904-1991), 120-солагии зодрӯзи шоири даризабони Афғонистон.

**• 20 ИЮЛ •**

**Тоир Гулов** (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Нарзулло Қодиров** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Баҳодур Неъматов** (1954), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Шодӣ Раҷабзод** (1964), 60-солагии зодрӯзи нависанда, журналист, Барандаи Ҷоизаи адабии ба номи С. Айнӣ.

**Султонназар Саидназаров** (1944-2008), 80-солагии зодрӯзи сароянда, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Сулаймон Султонов** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Эралӣ Шералиев** (1939), 85-солагии зодрӯзи забоншинос.

**• 21 ИЮЛ •**

**Виктор Ефимов** (1934-1995), 90-солагии зодрӯзи доктори илмҳои филологӣ, профессор.

**Малик Охунов** (1919-1989), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Зоя Попова** (1914-1980), 110-солагии зодрӯзи олими соҳаи байторӣ.

**Анвар Тӯраев** (1934), 90-солагии зодрӯзи кинорежиссёр, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**• 22 ИЮЛ •**

**Андронник Маргарян** (1944), 80-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Темур Пӯлодов** (1939), 85-солагии зодрӯзи Нависандаи халқии Тоҷикистон.

**Фридрих Веллер** (1889-1973), 135-солагии зодрӯзи шарқшиноси немис, муҳаққиқи забони суғдӣ.

**• 23 ИЮЛ •**

**Валентина Кожина** (1924-1991), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Муҳаррама Шокирова** (1924-1988), 100-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Исмоилҷон Ҳаитов** (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**• 24 ИЮЛ •**

**Болта Азимов** (1934-1981), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Иля Арав** (1909-1990), 115-солагии зодрӯзи доктори илми биология.

**Ҷамолиддин Каримзода** (1944-2001), 80-солагии зодрӯзи шоир.

**Раҳима Ҷумъаева** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА, Ҳ. АМРИДДИН, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

### ОМӮЗИШ

► Дарсҳои иловагӣ барои синфҳои аз 1 то 4, бо бовари том. Тел.: 987-53-45-75

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шаҳодатнома ва РМА ба номи ҶДММ «Жил-Строй», РЯМ: 0410008345, РМА: 040074761, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0539898 ба номи Нуриддинов Эҳсон Холмуродович, соли таҳсили 2017-2018, ки аз МТМУ №77-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0524523 ба номи Хушвахтова Меҳрангез Ҷумаевна, ки соли 2018 аз МТМУ №60-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси Хоҷагии деҳқонии Ҷамолиддин-2016, РЯМ: 0730150960, РМА: 075430493, аз 31.05.2017, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А5601529, ба номи Муродова Мижгона Мирзоевна, ки санаи 28.07.2022 аз ШВКД ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Мардов Раҳмихудо Зинатшоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, маҳаллаи Ховарон, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А03566633, ба номи Нозимов Саидраҳмон Рустамович, ки санаи 17.02.2021 аз ШВКД-1 ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0684546, ба номи Назаров Меҳроҷ Маҳмадуллоевич, соли хатм 2013, ки аз МТМУ №45-и ноҳияи Ёвон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №1283428, ба номи Маъруфҷони Одинаҳмади Ҳабибзод, ки санаи 12-уми июли соли 2021 аз МТМУ №72-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, №16748, ба номи Каримова Мавзуна Тимуровна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, хонаи 27, ҳ. 45/1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1104620, ба номи Толибов Сироҷиддин Фатиҳиддинович, ки санаи 24-уми июни соли 2023 аз Гимназияи ҳарбии ҚС КДАМ ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ, №84159, аз 12.10.2022, аз варақаи бақайдгирии №68-014-000116-01-031, аз рӯи аризаи №650156715, ки ба Ибрагимов Ёқуб Холмуродович дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Сулаймонов Юсуфҷон Раҳматуллоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Закариёи Розӣ 12, ҳ. 140, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартнома оид ба ҳуқуқи моликият супоридани квартира тахти феҳристи №1Ш-1617, аз 17-уми декабри соли 2020, байни Сулаймонов Юсуфҷон Раҳматуллоевич ва ҶДММ "Зафар Иншоот", бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Закариёи Розӣ 12, ҳ. 140, ки дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ, №36635, аз 31-уми декабри соли 2020 ба номи Сулаймонов Юсуфҷон Раҳматуллоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Закариёи Розӣ 12, ҳ. 140, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Созишномаи иловагӣ тахти №ФР-АН-Д1-04-09 Оиди ҳамкорӣ ва сармоягузорӣ дар сохтмони манзили истиқоматии бисёрошёна бо номгӯйи “Фридом Резиденс” воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум 159/2, ки 28 апрели соли 2023 миёни ҶДММ “Довар 2015” ва Юсупова Малика Бобоҷоновна (дорандаи шиносномаи №А03305458) баста шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶСК "Строммаш", №0107737, РЯМ: 0210010745, РМА: 020006440 барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ «Мустафо Сохтмон», РЯМ: 0910009082, РМА: 090015155, аз санаи 14.04.2017 дар ш. Турсунзода барҳам мехӯрад.

► ҶДММ "Тоҳириён ва зоҳириён", №0267811, РЯМ: 0310021901, РМА: 030033778 барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## ЭЪЛОН

Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳи Кумитаҳои иҷроияи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии ҲСТ мерасонад, ки Анҷумани XII ғайринавбатии ҲСТ 23.07.2024 аз соати 9:00 то 12:00 дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17 баргузор мегардад.

**Кумитаи иҷроияи марказии ҲСТ**

# JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country’s potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- **Project Associate (Roster), Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 18267/NPSA-6); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 31 July 2024 NY time.**

**For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs**

**Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.**

**UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.**

# ДОСТОНИ ШЕРИ ҒАЗЗАГӢ ВА БАҲМАНЁР

(Аввалаш дар саҳ. 13)



- Минбаъд,- мегӯяд Ниёз,- ҳаддатро бишносу молиётро сари вақт бипардоз. Вагарна худат медонӣ, ки оқибатат чӣ хоҳад шуд.

Ҳамин тавр туркҳо бори нахуст аз як пораи замини ишғолкардаашон, ки ҳамчун чарогоҳ гӯсфандонашонро бемалол мечаронданд, маҳрум шуданд.

Ғосибон хеҷ гоҳ гумон надоштанд, ки кор чунин ранг мегирад. Дар чунин ранг гирифтани кор албатта саҳми Шери Ғаззагӣ зиёд аст. Маҳз ботадбирии ӯ боис гардид, ки мардуми дараи Киштӯд соҳиби заминҳои аз даст рафтаашон шаванд. Агар ба ҷойи Шери Ғаззагӣ дигар марди ғӯлу гумроҳ мебуд, аз даст рафтани васиқа аз эҳтимол дур набуд.

Пас аз нишон додани васиқаи нав бо муҳру имзои амири Бухоро туркон маҷбур мешаванд, ки васиқаи кӯҳнаро баргардонда, бо волӣ гургоштӣ бикунанд. Онҳо дигар ёрои ошкоро муқовимат карданро надоштанд. Чаро ки Ниёз неруи саркӯбии онҳоро дошт. Аз ин хотир ғосибон роҳи ноҷавонмардона, яъне қатлро, ки барои онҳо пешаи аҷдодист, пеш гирифтанд.

Пас аз баргаштани Ниёз ба Киштӯд онҳо дар хонаи сардори худ маҳфили хоса мегиранд ва қасам ёд мекунанд, ки ҳар дуро, яъне ҳам волии Киштӯд ва ҳам Шери Ғаззагиро хоҳанд кушт.

Ҳамин тавр ҳам карданд. Тақрибан як сол сипарӣ нашуда, Шер беному нишон шуд. Ҳатто касе аз аҳли хонаводааш намедонад, ки ӯ куҷо шуд. Борҳо пайвандонаш ба сардори ғосибон пулу моли зиёде пешниҳод мекунанд, ки мо даъвое надорем, фақат бигӯед, ки часади ӯ дар куҷо дафн шудааст. Вале то ба ҳол маълум нест, ки часади Шери Ғаззагӣ, ки воқеан ҳам шери замони худ буд, дар зери кадом тобасанг пинҳон аст. Туркон овоза пахн карданд, ки Шер аз тарс ба Афғонистон фирор кардааст.

Дар ин бора марсияҳои зиёде эҷод шуда, вале ғайр аз чанд байти пароканда дигар ҳама аз ёдҳо рафтааст. Ба мисол:

*Шери Худоро куштанд,*
*гӯё фалак бепоя шуд,*
*Модар ба ёди бача буд,*
*санги сиёҳаш доя шуд...*

Ҳамин ду мисраи боло иловаи Баҳманёр аст.

Ҳамон рӯзи душанбе, ки охирин мулоқоти ман бо Баҳманёр буд, суҳбати мо қариб як соат тӯл кашид. Ба ҷузвдони "Водии Киштӯд", ки қариб ҳаштод саҳифа буду пасонтар мухтасари он дар шумораи чоруми "Садои Шарқ" соли 2022 ба нашр расид, ишора карда, Баҳманёр гуфт:

- Қиссаи аҷиб, метавонед дар радио пурра сабт кунед. Вале очеркро ("Қадршинос") ҳанӯз нахондаам.

- Худро азият надиҳед, очерк кӯҳна намешавад, моҳи оянда ҳам хонед, мешавад, мутаваҷҷеҳи саломатӣ бошед,- гуфтаму бо ӯ хайрбод кардам. Як зарра ҳам эҳсос накардам, ки ин мулоқоту хайрбоди охирин бо Баҳманёри азиз аст...

***

Баҳманёр дар зиндагӣ шахси бобарор набуд ва ранҷу азияти зиёде ӯро домангир буд. Чӣ кунем, ки зиндагӣ чунин аст. Дар ҳар давру замон корди хушомадгӯён бехунар болои равған аст. Ба гуфти аллома Аҳмади Дониш "чӣ ҳикмат аст, аҳли ақл ва арбоби фазл аз аҳди Одам ало набино ва алайҳиссалом дар ҳар аср гирифтори миҳан ва олом будаанд...".

Ва ё "Лоҷарам ҳама давлату ҳукумат насиби суфаҳо ва беақлон бошад ва меҳнату мазаллат нонхӯриши уқалою соҳибхирадон".

Вале бисёр хушоянд ва тасаллобахш барои мо дӯстони Баҳманёр ин аст, ки ӯ дар ҷодаи наср яке аз муваффақтарин нависандагони тоҷик аст.

Романҳои "Шоҳаншоҳ" ва бахусус, "Сармаддеҳ" (китоби 1-2) дар адабиёти муосири мо назир надоранд. Дар саросари осори гаронмояи ӯ ҷумлае, ки берӯҳ бошад, вуҷуд надорад ва ҳар вожа, калима, истилоҳ ва ё таъбир мавқеъ доранд.

Мутаассифона, Баҳманёр бо чунин истеъдоди нодиру фазлу донише, ки Маъбуди барҳақ насибаш гардонда буд, бо унвону ҷоизаи сазовори осораш, минҷумла Нависандаи халқӣ ва Ҷоизаи ба номи Рӯдакӣ қадрдонӣ нашуд. Вале номи нависандаи бузурге чун Баҳманёрро осори мондагораш зинда нигоҳ медорад, на унвону ҷоиза...

Дар ҳамин ҷо метавон ба ин нигошта ҳусни хотима бахшид. Вале суханони охирини Баҳманёр, ки ҳамон рӯзи душанбе (2-юми ноябри соли 2020) гуфта буд, водорам мекунад, ки каломро каме идома бидиҳам.

Ҳар гоҳ суханони онрӯзаи Баҳманёр ба ёдам биёяд, дилам ба туғён меояд.

Баҳманёр 66-сола буд. Яъне синну солаш аз нафақа гузашта буд. Нафақаи ночиз - ҳамагӣ 340 сомонӣ мегирифт. Вале боре ҳам шикоят накардааст, ки нафақаи ночиз мегирад. Чаро ки дар Нашриёти миллии адабии Иттифоқи нависандагони "Садои Шарқ" вазифаи масъул - ҷонишинии сармуҳаррири маҷалларо ба уҳда дошту маоши хуб мегирифт.

Дар анҷоми суҳбати онрӯза ӯ айнан гуфта буд:

- Вазъи сиҳатиам чандон хуб нест. Бинобар ин тасмим гирифтам, ки баҳор (пас аз чор моҳ) нафақаамро аз нав бозҳисобӣ мекунам. Тибқи ҳисобу китоби худам нафақаам бояд ба ҳазор сомонӣ дакка бихӯрад. Кор бас аст, дигар даврони пирӣ бояд ронд!

Дареғо, ҳасрато, ки ин орзуи ӯ ҷомаи амал напӯшид. Пас аз як ҳафтаи ин мулоқот, 9-уми ноябри соли 2020 хабари марги нобаҳангомаш расид...

**Карим МӮСО,**
**нависанда**





## Нимкар

Беморе ба дармонгоҳ омада, ба духтури гӯш мурочиат менамояд:

- Духтурҷон, ёрӣ диҳед, гӯшам нимкар шудааст.

- Укоҷон, одам нимкар намешавад: ё тамоман кар мешавад, ё умуман кар намешавад.

- Бовар накунед, санҷида бинед,- илтимос кард бемор.

Духтур ба гӯшаи кабинет рафта, бо овози паст гуфт:

- Ҳақи хизмат 100 сомонӣ...

Бемор:

- Дидед, ман ҳамагӣ 50 сомонӣ шунидам.

## Самбӯса

Марде самбӯса мефурӯхт. Харидоре як дона харида газиду доду вояш баланд шуд:

- Чаро дар даруни самбӯсаи шумо ришта аст?

Самбӯсафурӯш гуфт:

- Шумо бо 1 сомонӣ мехоҳед аз даруни самбӯса қолин бароад?

## Тақдир

Пули 500-сомонӣ мурдаасту дар дӯзах чояш кардаанд. Бинад, тангаҳои 5, 10, 20, 50-дирамаю якто 1-сомонӣ дар биҳишт мегарданд.

500-сомонӣ аз 1-сомонӣ мепурсад:

- Ин чӣ хел шуд, ки шумо ҳамаатон дар чаннат чой ёфтеду ман дар дӯзах?

1-сомонӣ чавоб медиҳад:

- Оё ягон бор ба масчид рафта будӣ? Ягон бор дасти ягон бевaю бечора, камбағалу гадоба афтидӣ-мӣ?

- Не,- посух медиҳад 500-сомонӣ.

Яксомонӣ ором мегӯяд:

- Хайр, акнун ба тақдират тан деҳ, чӯра!

## Шоколад

Марде ба писараш, ки баҳои аъло гирифта буд, ваъда дод, ки барояш шоколад мехарад. Шом писараш ӯро дар долон пешвоз гирифт:

- Дада, шакалот овардӣ?

- Не, бачаҷон, магазин даромадам, ба ёдам расид, ки пулҳоямро дар ҷоҳи кор фаромӯш кардаам. Пагоҳ, албатта, мехарам.

Шоми дигар мард боз писарашро дар долон интизор дид:

- Дада, имрӯз шакалот овардӣ?...

- Не, имрӯз ба идора аз марказ меҳмон омада буд, аз серкорӣ ҳама чизро фаромӯш кардам. Парво накун, пагоҳ якто не, дуто шакалот мехарам!

Шоми сеюм ҳам писар падарро дар долон истиқбол кард:

- Дада, дуто шакалот овардӣ?

- Магазин даромадам, лекин шакалот набуд... Фақат печении хитоӣ буду халос...

- Хайр, печенӣ мехаридӣ...

- Бачаҷон, фаромӯш накун, то вақте ки падарат зинда аст, ту фақат шакалот мехӯрӣ!

## Фитна

Зане назди духтур барои муоина меравад. Духтур мегӯяд:

- Дил, шуш, гурда ва меъдаи шумо солим аст. Ҳоло бигзоред чоеро муоина кунам, ки фитна ба олам зада, дунёро ба оташ кашонидааст.

Зан ҳамин ки домани худро боло мекард, духтур гуфт:

- Чӣ кор мекунӣ? Ман забонатро дар назар доштам...

**Таҳияи Нодира РАҶАБОВА**

Фаромӯшхотиртарин шахс онест, ки чувол набудани шикамро фаромӯш мекунад.

***

Дар замони мо пулро гум кардан даҳшатноктар аз ақлро гум кардан аст.

***

Таклиф: Фоҳишаҳоро ба” Китоби сурх” дохил бояд кард, то ҳар кас чашм ало накунад.

***

Кирми шабчароғ гуфтааст, ки ин қадар одамон зӯр зада кӯчаҳоро чароғон карданиянд. О, ман ҳастам-ку!

***

Фарбеҳии судхӯр далели пурнеъматии дастурхони ӯ нест.

***

Пиёз сад қабад ҷома дошта бошад ҳам, чун феъли тунд дорад, хунук мезанадаш.

***

«Китоб рӯшании дил аст» - хонд аз рӯзномае дилсиёҳ. Ва минбаъд аз китоб меҳаросидагӣ шуд.

***

Хуршед зинҳор меҳмони шаб намешавад. Медонад, ки мизбонон - моҳу ситораҳо тоби чунин меҳмон надоранду зуд ғайб мезананд.

***

Рӯбаҳаке лоф мезад, ки агар динозаврро дар вақташ нобуд намекарданд, аздусар ман нобудаш мекардам.

***

Истеҳзо макунед ба Темури ланг. Ӯ зери ин қадар бори гарони гуноҳ ғайр аз лангидан чорае дигар надошт.

***

- Эх, як пойи дигар медоштам,- ҳасрат мекард ҳазорпо,- дави харгӯш пеши ман ҳеҷ буд.

***

Искандари Зулқарнайнро олчунон таъриф кард, ки ҳатто дарозшохтарин говҳо аз рашк дарун-дарун сӯхтанд.

***

Пиёла бо мурури замон гов шудани гӯсоларо мушоҳида карда, инак, чанд вақт боз умедвор аст, ки коса мешавад.

***

Духтаре, ки дӯстдори шаб аст, шӯталаб аст.

***

Милисаи роҳбон ронандаеро таъкид намуд:- Суръати баланд оқибати нек надорад. Дидӣ-ку, оқибати сотсиализми мутараққӣ чӣ шуд!

***

- Ин чӣ беадолатӣ,- бонг зад панчшоха,- ҳатто калбазу калговҳо ба гурӯҳи шохдорҳо шомиланду ман не.

***

Барои коммунистҳо ҳар писанд аст: хуб кор мекунад, барои демократҳо гов: забонаш дароз.

***

Искандари Зулқарнайн ормони мардонест, ки бо сарашон ҷанг мекунанд.



**Абдурауф МУРОДӢ**

## Сканворд

